# РОҲНАМО ОИД БА ХУДТАНЗИМКУНИИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

Саволҳо ва посухҳо

сахҳа Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Аврупо

Дафтари Намояндаи САҲА оид
ба масоили озодии ВАО

Дафтари намояндаи Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба масоили озодии воситаҳои ахбори омма (ВАО) ба ҳукуматҳои Фаронса, Олмон ва Ирланд барои дастгирии молиявии нашрия изҳори миннатдорӣ мекунад.

Мо инчунин ба Роберт Пинкар, Питер Штуберх, аъзои Алянси аврупоии шӯроҳои мустақили матбуот (AIPCE) барои саҳми арзандаашон дар таҳияи ин нашрия изҳори ташаккур мекунем.

Андешаҳои дар нашрия ибрознамудаи муаллифон нуқтаи назари шахсиашон мебошад ва онҳо ба нуқтаи назари Намояндаи САҲА оид ба масоили озодии ВАО метавонанд мувофиқ набошанд.

Нашрия аз ҷониби Намояндаи САҲА оид ба масоили озодии ВАО Миклош Харасти ба табъ расидааст.

Таҳти таҳрири Аделин Улен ва Ҷон Смит

**Мутарҷим:** Абдуфаттоҳ Воҳидов
**Муҳаррир:** Нуриддин Қаршибоев

© 2008 Бюрои Намояндаи САҲА оид ба масоили озодии ВАО
Созмони Амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо
Wallnerstrasse 6
A-1010 Vienna, Austria
Телефон: +43-1 514 36 6811
Факс: +43-1 514 36 6802
Почтаи электронӣ pm-fom@osce.org
http://www.osce.org/fom

Design & Layout: Phoenix Design Aid, Denmark

ISBN 3-9501995-7-2

# РОҲНАМО ОИД БА ХУДТАНЗИМКУНИИ ВАО

Саволҳо ва посухҳо

Дафтари Намояндаи САҲА оид ба масоили озодии ВАО
Миклош Харасти

Вена 2008

# МУНДАРИЧА

7 **Миклош Харасти Пешгуфтор**

9 **I. Ҷиҳатҳои мусбати худтанзимкунии ВАО**

*Миклош Харасти*

10 1. Табиати худтанзимкунии ВАО

14 2. Муқоисаи худтанзимкунии ВАО бо танзими ВАО

21 3. Мусоидат ба эҳтироми байниҳамдигарӣ ва ҳамдигарфаҳмии фарҳангҳо

25 **II. ТАҲИЯ НАМУДАНИ КОДЕКСҲОИ АХЛОҚИ ЖУРНАЛИСТ**
*Моҳияти худтанзимкунии ВАО*

*Явуз Байдар*

26 1. Кодексҳои ахлоқӣ ба журналистикаи масъулиятшинос заруранд

28 2. Кодексҳои ахлоқӣ гуногун мешаванд

30 3. Мӯҳтавои ҳар як кодекси ахлоқӣ нотакрор мебошад

34 4. Таҳияи кодекси ахлоқӣ: нақши ҷомеаи касбии ВАО

37 5. Таҳияи кодекси ахлоқӣ: нақши давлат ва ҷомеа

38 6. Кодексҳои ахлоқӣ ба нав кардан ва тарғибот мудом ниёз доранд

**41** **III. МАҚОМОТИ ХУДТАНЗИМКУНӢ**
*Таъмини эҳтироми кодекси ахлоқӣ*

*Уилям Гор*

42 1. Алтернативаи боэътимоди истеҳсолоти судӣ

44 2. Чораҳои ахлоқӣ – воситаи муассир

49 3. Муқаррар намудани мӯҳлатҳои баррасӣ кардани шикоятҳо зарур аст

51 4. Мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд фаъолияти ҳар гуна ВАО-ро танзим намоянд

54 5. Масъалаи асосӣ: таъмин намудани огоҳии аудитория дар бораи мавҷуд будани эҳтимоли шикоят кардан

**57** **IV. ШӮРОҲОИ МАТБУОТ**
*Архетипи мақомоти худтанзимкунӣ*

*Огниан Златев*

58 1. Вазифаҳои асосии шӯрои матбуот

60 2. Шӯроҳои матбуот дар минтақаи САҲА

64 3. Масъалаҳое, ки қабл аз таъсис додани шӯрои матбуот ҷавоб талаб менамоянд

66 4. Сохтор ва тартибу қоидаҳои шӯрои матбуот

70 5. Аъзои шӯро ва аъзои раёсати шӯрои матбуот

74 6. Аъзои шӯрое, ки ба баррасӣ намудани шикоятҳо машғул мегарданд

75 7. Маблағгузории шӯрои матбуот

78 8. Ташкили шӯроҳои матбуот дар демократияҳои ҷавон

**83** **V. ОМБУДСМЕН**
*Худтанзимкунии ВАО дар чаҳорчӯбаи воситаҳои ахбори омма*

*Вероник Морус*

84 1. Рушди ниҳоди омбудсмен

87 2. Фаъолияти омбудсмен

90 3. Чораҳое, ки омбудсмен раво мебинад

92 4. Ҷорӣ намудани вазифаи омбудсмен

94 5. Интихоби омбудсмен

97 6. Мушкилоте, ки бо вазифаи омбудсмен алоқаманд мебошанд

**103** **VI. ЗАМИМАҲО**
*Намунаҳои шикоятҳое, ки мақомоти худтанзимкунӣ баррасӣ намудаанд*

104 Парвандаи 1: Шикоят дар бораи дахлнопазирии ҳаёти шахс

105 Парвандаи 2: Шикоят дар бораи нақзи дахлнопазирии ҳаёти шахс

106 Парвандаи 3: Шикоят дар бораи маълумотҳои носаҳеҳ

108 Парвандаи 4: Шикоят дар бораи носаҳеҳии иттилоот дар сомонаи Интернет

110 Парвандаи 5: Шикоят дар бораи мавҷуд набудани ҳифзи одамони осебпазир

111 Парвандаи 6: Шикоят дар бораи мавҷуд набудани ҳифзи одамони осебпазир

113 Парвандаи 7: Шикоят дар бораи нақзи ҳуқуқҳои шахс

**115** **VII. ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН**

# Пешгуфтор

**Миклош Харасти**

Ғояи омода намудани нашрияи «Роҳнамо оид ба худтанзимкунии ВАО» ба моҳияти мандати Дафтари ман асос ёфтааст, ки он ҳимоя ва дастгирӣ намудани озодиҳои ВАО дар минтақаи САҲА мебошад.

Дафтари ман кӯшишҳои муттаҳид гаштани журналистон бо мақсади баланд бардоштани стандартҳои касбӣ ва бо ҳамин васила пурзӯр намудани мақоми иҷтимоии журналистикаро дастгирӣ менамояд. Ҳамкории журналистон дар соҳаи ахлоқ ҳамчунин имконияти хубест, ки ба воситаи он журналистон усули дастҷамъона дар назди ҳукумат муҳофизат кардани ҳуқуқҳояшонро меомӯзанд.

Аммо сифати журналистика ба ҳеҷ ваҷҳ набояд шарти додани озодӣ бошад. Фақат матбуоти комилан озод метавонад ба таври пурра масъулиятшинос бошад.

Ба андешаи ман, худтанзимкунӣ ва дастгирии журналистикаи босифат метавонанд кафолати иловагии озодӣ, ё ҳатто таъсирбахшии ВАО бошанд. Роҳнамои мо маҳз дар ҳамин рӯҳия иттилоотонидани журналистон, муҳаррирон, ноширон ва донишҷӯён, журналистони навкор, инчунин шахсони мансабдорро мақсади худ қарор додааст.

Роҳнамо дар шакли саволу ҷавоб мураттаб гашта, мақсаднок ва барои истифодабарӣ содда аст. Модели ягонае мавҷуд нест, ки он барои истифода дар ҳамаи кишварҳо яксон мувофиқ бошад. Аз ин рӯ, китоби мазкур махсус ба кишварҳои ҷудогона таваҷҷӯҳ накарда,

балки доираи васеъи масъалаҳои амалиро инъикос намудааст. Механизмҳои мавҷудаи худтанзимкунӣ чӣ тавр амал мекунанд? Вазифаҳои ҳаллу фасл намудани кадом масъалаҳо дар назди мо истодааст? Механизмҳои мазкурро чӣ тавр ба вуҷуд овардан ва такмил додан мумкин аст?

Ҳар як фасли китоб ягон масъалаи муайяни худтанзимкунии ВАО, аз ҷумла нақши кодексҳои ахлоқӣ ва механизмҳои гуногуне, ки ба масъулиятшиносии онҳо таъсир мегузорад, амсоли омбудсмен ва шӯроҳои матбуотро инъикос менамоянд. Ман умед дорам, ки хонандагон дар роҳнамои мазкур ба саволҳо ва масъалаҳое посух пайдо кунанд, ки аз онҳо дар шароити кишварҳояшон метавонанд истифода намоянд.

Ман инчунин умед дорам, ки роҳнамои мазкур боиси рушди минбаъдаи худтанзимкунии ВАО гардида, ба пешравии журналистикаи босифат мусоидат менамояд ва бо ҳамин васила дар минтақаи САҲА ба беҳтар гаштани вазъи умумии озодии ВАО кӯмак мерасонад.

Аз имконияти мавҷуда истифода бурда, ба ҳукуматҳои Фаронса, Олмон ва Ирланд барои дастгирии беғаразонаашон ба Дафтари ман дар масъалаи таҳия ва ба табъ расондани роҳнамо изҳори миннатдорӣ мекунам.

Фасли I

# ҶИҲАТҲОИ МУСБАТИ ХУДТАНЗИМКУНИИ ВАО

## Тавозуни ҳуқуқҳо ва масъулият

*Миклош Харасти*

Худтанзимкунии ВАО – кӯшишҳои якҷояи ҷомеаи касбии воситаҳои ахбори омма доир ба ихтиёран муайян намудани принсипҳои роҳбарикунандаи фаъолияти редаксияҳо ва риояи ошкорои онҳо дар ҷараёни иттилоотонии аҳли ҷомеа мебошад. Дар баробари ин, ВАО-и мустақил як ҳиссаи масъулият барои мубоҳисаҳои босифати ҷамъиятиро дар кишвар ба зиммаи худ гирифта, дар айни ҳол мустақилияти худашонро пурра нигоҳ медоранд.

# 1. Табиати худтанзимкунии ВАО

### *Оё худтанзимкунӣ ба мӯҳтавои сиёсӣ дахолат мекунад?*

Дар ягон ҳолат дахолат намекунад. Худтанзимкунӣ – сензура, ҳатто худсензура нест. Моҳияти худтанзимкунӣ, дар ҳолати пурра нигоҳ доштани озодии редаксионӣ, ҳангоми интишор додани хабарҳо ва баёни андешаҳо, муқаррар намудани принсипҳои ҳадди ақали ахлоқ, саҳеҳият, ҳуқуқи шахс ва ғайра мебошад.

### *Оё худтанзимкунӣ фаъолияти бенуқсони матбуотро пешбинӣ менамояд?*

Хеҷ нафаре наметавонад даъвои мукаммалӣ дошта бошад. Илова бар ин, танқиди оммавӣ ҳамеша аз ҷониби объекти танқид ҳамчун хато қабул карда мешавад. Худтанзимкунӣ ба воситаҳои ахбор кӯмак мерасонад, ки ба шикоятҳои асоснок вокуниш нишон дода, камбудиҳои ба эътибор гирифтанашударо бо усули санҷишу хато ислоҳ созад.

### *Худтанзимкуниро кӣ татбиқ менамояд?*

Худтанзимкунӣ ӯҳдадориест, ки ходимони ВАО мутобиқи он бояд сифати гуфтугӯ бо аҳли ҷомеаро нигоҳ доранд. Бо мақсади ба таври самаранок ва мустақилона баррасӣ гаштани масоили боиси ташвишгашта механизми пешниҳод намудани шикоятҳо таҳия карда мешавад.

Табиист, ки дар чунин гуфтугӯ танҳо он воситаҳои ахбор, журналистон, муҳаррирон ва соҳибмулконе ширкат мекунанд, ки онҳо кӯшиш доранд нашрияҳои масъулиятшинос ба табъ расонанд.

Худтанзимкуниро ҳам дар чаҳорчӯбаи соҳа, ҳам дар чаҳорчӯбаи ВАО-и ҷудогона ташкил кардан мумкин аст.

Берун аз ҳудуди ВАО шикоятҳо асосан аз ҷониби ниҳодҳои сиёсӣ ва арбобони ҷамъиятӣ ворид мешаванд, зеро як самти муҳими фаъолияти ВАО интишор додан, иттилоот расондан ва тафсир кардани фаъолияти онҳо мебошад. Аммо дар баробари онҳо фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, амсоли намояндагони бизнес ва меҳнаткашон, иттиҳодияҳои динӣ ва аққалиятҳо, гурӯҳҳои анъанавӣ ва навташкил, ки дорои манфиатҳои умумӣ мебошанд ва аъзои алоҳидаи ҷомеа метавонанд ҳамкори ҳавасманд бошанд.

***Нафъи худтанзимкунӣ ба матбуот аз чӣ иборат аст?***

Худтанзимкунӣ стандартҳоро эътироф намуда, ба пайдо гаштани эътимоди ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма мусоидат мекунад. Ин ҳолат махсусан ба ҷомеаҳои нави демократӣ муҳим аст, зеро дар аксари онҳо матбуоти мустақил зуҳуроти нав аст. Тавассути худтанзимкунии ВАО ҷомеа ба масъулиятшинос будани воситаҳои ахбори оммаи озод эътимод пайдо мекунад.

Дар баробари ин, худтанзимкунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқи мустақил будани журналистон ва маҳкум шудани онҳо на аз ҷониби давлат, балки аз ҷониби ҳамкасбонашонро таъмин менамояд.

Вақте сухан дар бораи ислоҳ намудани хатоҳо ё нақзи ҳуқуқҳои инфиродии матбуот аз ҷониби мақомоти давлатӣ меравад, татбиқ намудани он тавассути қарорҳои мақомоти худтанзимкунӣ сарбории ба масъулият кашидани журналистонро аз дӯши мақомоти судӣ кам мекунад.

### *Нафъи худтанзимкунии ВАО ба ҷамъият дар чӣ ифода меёбад?*

Барои истеъмолкунандагони маҳсулоти ВАО кӯшиши дар ихтиёр доштани кафолати арзишҳои иттилооти пешниҳодкардаи журналистон як зуҳуроти табиӣ мебошад. Кодексҳои ахлоқӣ самтҳои стандартҳои сиёсати идоравии воситаи ахборро нишон дода, механизмҳои пешниҳод намудани шикоятҳо бошад як навъ «кафолати сифат»-ро таъмин мекунад.

Шикоятҳои ба мақомоти худтанзимкунӣ пешниҳодшуда дар қиёс бо даъвоҳои судӣ хароҷоти молиявӣ талаб намекунанд. Ҳамин ҷиҳат барои шаҳрванди муқаррарӣ басо муҳим аст. Барои сиёсатмадороне, ки шикоят мекунанд, низ бартарӣ муқаррар гаштааст,. Масалан, сиёсатмадорон барои дар мӯҳлати кӯтоҳ ҳал гардидани баҳсҳо ва аз хатоҳои худро ихтиёран эътироф кардани матбуот қаноатманд мегарданд.

### *Нафъи худтанзимкунии ВАО барои демократия дар чӣ ифода меёбад?*

Демократия танҳо имконияти баҳс кардан нест. Демократия инчунин фарҳанги умумии ба таври оқилона ва объективона барпо намудани баҳс низ мебошад. Ҳукуматҳо, ҳатто ҳукуматҳои ба таври озод интихобшуда ҳам, дар баҳси сиёсӣ ширкат карда, бо ҳамин сабаб ба ҷорӣ гаштани баҳси оқилона ва объективона пурра ҳавасманд нестанд. Илова бар ин, демократия ва назорати давлатӣ аз болои матбуот мафҳумҳои хилофи якдигар мебошанд. Худтанзимкунии ВАО, новобаста аз қувваҳои сиёсӣ, инчунин дорои мазмуни кӯшиши ҷорӣ намудани фарҳанги сиёсӣ низ мебошад. Он ҳамчунин барои гузаштани матбуоти давлатии аз ҷониби ҳукумат танзимшаванда ба матбуоти зери назорати ҷомеаи демократӣ ва тобеъи он мусоидат менамояд.

**Панҷ сабаби худтанзмкунии ВАО-ро инкишоф додани воситаҳои ахбори омма:**

1. Он озодии идораи воситаи ахборро нигоҳ медорад;
2. Он дахолати давлат ба фаъолияти ВАО-ро то ҳадди имкон кам мекунад;
3. Он ба баланд шудани сифати ВАО мусоидат менамояд;
4. Он ҳамчун шаҳодати масъулиятшиносии ВАО хизмат мекунад;
5. Он ба дастрасии хонандагон ба ВАО мусоидат менамояд.

# 2. Муқоисаи худтанзимкунии ВАО бо танзими ВАО

***Оё қонунҳо дар бораи ВАО заруранд?***

Албатта, қонунҳо то ҳадде зарур мебошанд. Аммо матбуот вазифаи муҳимтаринаш – «саги посбон» буданро фақат дар ҳолате иҷро карда метавонад, ки назорати давлатӣ аз болои фаъолияти он то ҳадди имкон камтар бошад.

Дар ҷомеаҳое, ки роҳи сохтани демократияро пешаи худ қарор додаанд, кафолатҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ зарур мебошанд. Масалан:

- конститутсияҳо бояд сензураро манъ карда, озодии баёни андешаро ҳимоя кунанд;
- қонунгузорӣ бояд дастрасии озодона ба иттилооти ҳукуматиро кафолат дода, журналистонро аз маҷбуран фош намудани сарчашмаи махфии маълумоти дар таҳқиқотҳояшон истифодашуда муҳофизат намояд;
- санадҳои меъёрӣ бояд объективият ва шаффофияти идораи бизнеси воситаҳои ахбор, амсоли бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, фош намудани маълумот дар бораи соҳибмулкон ва андозбандиро кафолат диҳанд.

Дар ҷомеаи демократӣ ҳамаи истисноҳои марбути озодии баёни андешаро бояд қонун муқаррар намояд. Аммо, бо мақсади бидуни тарсу ҳарос барпо кардани баҳсҳои ба масъалаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ бахшидашуда бояд танҳо миқдори ками ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба сухан ҷиноят ҳисобшаванда қонунан эътироф карда шаванд. Ҳуқуқвайронкуниҳои амсоли тарғиби бадбинӣ, даъват ба поймол кардани ҳуқуқ ё интишор додани порнографияи

кӯдакона вожаҳо ё аксҳоеро дар бар мегиранд, ки ба таври рӯйирост ё бавосита ба авлавияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти одамон хатар ворид месозанд.

Суханоне, ки одамонро танҳо дар ҳайрат гузошта, ба ташвиш мееоранд, ё таҳқир мекунанд бояд дар судҳои шаҳрвандӣ баррасӣ гарданд. Ҳамин талабот ҳамчунин ба суханоне низ дахл дорад, ки дахлнопазирии ҳаёти шахсиро вайрон ва шаъну шарафро таҳқир месозанд, агар ҳатто ин ҳолатҳо аз рӯи беэҳтиётии дағалонаи журналистоне рӯй дода бошад, ки ба поймол гаштани ахлоқи касбӣ роҳ додаанд.

### *Оё танзимкунии давлатӣ ба озодии матбуот зарар мерасонад?*

Маҳдудиятҳои аз ҳад зиёди қонуние, ки онҳоро намояндагони мардумии ба таври озод интихобгашта қабул кардаанд, амалан метавонанд ҳамчун диктатураи замонҳои гузашта барои матбуот вазнин бошанд. Ин масъала, махсусан, дар ҳолати ҷорӣ гаштани маҳдудиятҳои қонунии (ё аз онҳо сӯистифода намудан) дорои имконияти бевоситаи аз байн бурдани инъикоси мустақилонаи воқеаҳо ва андешаҳо хатарнок мебошад. Чунин қонунҳои доир ба воситаҳои ахбори омма мақсади бад дошта, аз ҷумла:

- ҳуқуқҳои воситаҳои ахбори оммаи мустақилро нисбат ба воситаҳои ахбори оммаи то ҳол мавҷудбудаи давлатӣ, масалан, ҳангоми танзим намудани чунин соҳаҳо, амсоли бақайдгирӣ, андозбандӣ, чоп кардан, обуна ва интишор додани ахбор маҳдуд мекунанд;
- масъалаҳои додани иҷозатнома барои пахши амвоҷро муғризона таҳти назорат мегиранд;
- дигарандеширо ҳамчун зуҳуроти ҷиноятӣ ва таҳқиқоти журналистии номақбулро муқаррар мекунанд;

- дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ё шаҳрвандӣ, ки ҳуқуқи шахсро ҳимоя мекунанд, аз усули интихобӣ истифода мебаранд.

***Оё танзими давлатӣ, ки бо мақсади ҳимоя кардани ҳуқуқҳои дигар пешбинӣ мешавад, метавонад ғайри хоҳиши худ ба озодии сухан зарар расонад?***

Бисёр воқеъ шудааст, ки дахолати аз ҳад зиёди ҳуқуқӣ, ки он бо нияти хайри талаботи воқеии ҷомеа ба мавҷудияти меъёрҳои журналистӣ ҷорӣ мегардад, боиси мушкилоти фаъолияти журналистон ва ВАО мегардад. Аксари маҳдудиятҳои беасос бо мақсади кӯмак расондан ба рушди ахлоқ ва сифат, ё «тавозуни» озодии матбуот ва дигар арзишҳои муҳим, амсоли амнияти давлатӣ, осоиштагии ҷамъият ё ҳуқуқҳои шахс ҷорӣ карда мешаванд. Бо нияти рӯ ба рӯ нашудан бо баҳсҳои оммавӣ ҳукуматҳо аксар вақт аз доираи ҳудуди қонунии ҷиноикунонии журналистика берун по ниҳода, ба таъқиботи ҷиноятии ҳамаи намудҳои андешаҳои барояшон нобоб ва вайронкунандаи ҳуқуқ ё андешаи муқаррарие, ки пастзанандаи шаъну шарафи дигарон мебошад, роҳ медиҳанд. Чунин қонунҳо маъмулан хоҳишҳои қисми аксарияти парлумониро ба сари дигарон таҳмил медиҳанд.

Ба ғайр аз ин, дар ҷомеаи демократӣ ҳолати батадриҷ бартараф намудани он маҳдудиятҳои озодии сухан метавонад вуҷуд дошта бошад, ки дар замонҳои пештар, ҳангоми амал кардани стандартҳои дигар ба миён омада буданд. Мисолҳои зерин метавонанд ҳамчун намунаи чунин маҳдудиятҳо хизмат кунанд:

- ба ҷойи дар судҳои шаҳрвандӣ баррасӣ шудан журналистон ба ҷурми роҳ додан ба диффаматсия, тӯҳмат ва таҳқир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;
- ба ҷойи маҳкум шудани шахсиятҳое, ки мувофиқи вазифаи хизматиашон ба ӯҳдаи онҳо ҳифзи асрор гузошта шудааст,

одамон, аз он ҷумла журналистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;
- ба таври махсус муҳофизат шудани шахсони воломақом аз таҳқири шифоҳӣ.

***Оё танзими давлатӣ метавонад касбият ё сатҳи ахлоқи матбуотро баланд бардорад?***

Не. Меъёрҳои воқеии ахлоқиро танҳо журналистони касбии воситаҳои ахбори оммаи мустақил ба вуҷуд оварда, меъёрҳои мазкурро худи онҳо ба таври ихтиёрӣ риоя мекунанд. Новобаста ба он, ки меъёрҳои мазкур бо нияти хайр қабул шудаанд, кӯшиши ба воситаи қонун ба дӯши журналистон гузоштани онҳо дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки озодиҳои қонунӣ ихтисор шуда, озодона интишор додани иттилоот дар ҷомеа маҳдуд мегардад.

Бешубҳа, воситаҳои ахбори давлатӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои андозсупорандагон фаъолият мекунанд, тибқи қонун вазифадор мебошанд, ки иттилоотро ба таври холисона ва баодобона пешниҳод ва тафсир кунанд. Аммо талабот ба воситаҳои ахбори давлатӣ низ бояд аз ҷониби мақомоти касбии мустақил таҳия гардад ва талаботи мазкур танҳо дар ҳолате натиҷа медиҳад, ки агар сиёсатмадорон аз дахолат кардан ба ҷараёни фаъолияти идораҳои воситаҳои ахбор худдорӣ кунанд.

***Чӣ муҳимтар: озодӣ ё сифат?***

Сифат ва худтанзимкунӣ аз ҷониби ҳукуматҳо набояд ҳамчун шартҳои додани озодии пурра баррасӣ карда шаванд: баръакс, журналистикаи баодоб метавонад танҳо дар муҳити озодии кафолатдор ташаккул ёбад. Худмаҳдудсозии журналистон бояд то замони аз ҷониби давлат

ҷорӣ кардани маҳдудсозии воситаҳои ахбори омма зуҳур карда бошад.

### *Оё худтанзимкуниро қонунӣ кардан мумкин аст?*

Ин кор танҳо дар як ҳолат метавонад боманфиат бошад: барои таъмин намудани он, ки қарорҳои аз ҷониби мақомоти худтанзимкунӣ қабулшуда оид ба масъалаҳои ахлоқӣ аз ҷониби давлат ё шахсе, ки худро таҳқиршуда медонад, дар суд бар зидди журналист истифода нагарданд.

### *Оё худтанзимкунӣ ба такмилёбии қонунгузорӣ мусоидат карда метавонад?*

Бале, метавонад, аммо на аз ҳисоби бозпас гаштан ба худсензура. Худтанзимкунии воситаҳои ахбори омма дар сурати зайл метавонад барои барҳам додани низоми барзиёди тартибу қоидаҳо нисбатан самараноктар мубориза барад:

- аҳли ҷамоаро бовар кунонад, ки ВАО зарурати риоя шудани меъёрҳоро дарк мекунанд;
- шахсиятҳои олудаи коррупсияро дар ВАО номбар ва фош намояд;
- танзим кардани шикоятҳоро дар ҳолатҳои асоснок пешниҳод созад.

### *Бо мақсади ба худтанзимкунӣ мусоидат намудан ҳукуматҳо кадом корҳоро анҷом дода метавонанд?*

Ҳукуматҳо то ҳадди имкон бо роҳҳои зерин метавонанд ба худтанзимкунӣ мусоидат намоянд:

- манъ кардани моликияти давлатӣ будани воситаҳои ахбори омма;
- таъмини озодии пурраи фаъолияти матбуот аз дахолати давлат;

- дастгирии гуногунандешии воситаҳои ахбори омма ба тавассути чораҳои зиддиинҳисорӣ.

**Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими ВАО**

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Муоҳидаи аврупоӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои башар ва озодиҳои асосӣ озодии баёнро ҳуқуқи ҳар як нафар одам эълон намудаанд.

Шаҳрвандоне, ки ҳуқуқашонро ба озодии сухан маҳдуд меҳисобанд, агар ба онҳо дар кишвари худ ҳаллу фасл намудани масъала муяссар нагардад, ба суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи башар дар Страсбург муроҷиат карда метавонанд.

Мутобиқи Муоҳидаи аврупоии ҳуқуқи башар «меъёри ҳакамӣ», ба хотири дуруст танзим кардани ВАО, метавонад ҳуқуқи истисноиро муқаррар намояд. Барои таъмини мувофиқат бо озодии баён танзим бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад:

- дар қонун пешбинӣ шуда бошад;
- мақсади қонунӣ дошта бошад;
- дар ҷамъияти демократӣ зарур бошад.

Ҳамин тариқ, дар ҳолати мавҷуд будани усули нисбатан нарми қонеъ гардондани мақсадҳои қонунии танзимкунӣ усулҳои нисбатан қатъӣ ба талаботи стандартҳо, ки гуногунандешӣ ва озодона баёни андешаро ҳимоя мекунанд, ҷавоб дода наметавонанд.

Шаҳрвандоне, ки ҳуқуқҳояшон ба озодии сухан маҳдуд карда шудааст, метавонанд инчунин ба Кумитаи оид ба ҳуқуқи башари

Созмони Миллали Муттаҳид бо суроғаи http://www.ohchr.org/english/bodies/hrc муроҷиат намоянд.

Барои аниқ кардани тартиби пешниҳоди шикоятҳо ба нишонии http://www.ohchr.org/english/bodies/petitions/individual.htm#ccpr муроҷиат карда метавонед.

Дар тӯли 30 соли аз лаҳзаи ба имзо расидани Қарордоди Хелсинки, давлатҳои иштирокчии САҲА дар соҳаи озодии воситаҳои ахбори омма як қатор ӯҳдадориҳо қабул намудаанд. Бо онҳо дар суроғаи www.osce.org/publications/rfm/2003/10/12253_108_en.pdf (бо забони англисӣ) www.osce.org/publications/rfm/2003/10/12253_108_ru.pdf (бо забони русӣ) шинос шуда метавонед.

Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО (www.osce.org/fom) ба риоя шудани ӯҳдадориҳои мазкур ба воситаи сари вақт огоҳонидан ва пешниҳоди тавсияҳо мусоидат менамояд.

# 3. Мусоидат ба эҳтироми байниҳамдигарӣ ва ҳамдигарфаҳмии фарҳангҳо

***Оё худтанзимкунӣ воситаҳои ахбори оммаро аз моҷароҳо раҳо мекунад?***

Не. На қонунҳои хуб, на меъёрҳои ахлоқӣ ҳаргиз талаботи ҷомеаро нисбат ба фаъолияти ВАО пурра қонеъ гардонда наметавонанд. Воситаҳои озоди ахбори омма, ҳатто баландсифат, ҳамеша боиси норозигии одамоне мегарданд, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳо, баёни андешаҳо ва гуногунандешии муқаррарӣ мавриди интиқоди ВАО қарор мегиранд.

Мақсади худтанзимкунӣ паст кардани «сатҳи садо»-и демократия нест. Худтанзимкунӣ мақсад дорад, ки садои мазкурро, махсусан дар ҷомеаҳои ҷавони демократӣ, барои омма ба оҳанги форам табдил диҳад, зеро баҳсҳо, агар ба назари одамон беасос бошанд, эшонро ба изтироб меоваранд. Дар ниҳояти кор, ҷомеа ё сиёсатмадорон бояд эътироф кунанд, ки озодии баёни андешаҳо тибқи назари суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар ин «ҳуқуқи безобита кардан, ба изтироб овардан ва хафа намудан» мебошад. Воситаҳои ахбори омма бениҳоят ҳавасманд ҳастанд, ки ҳамин озодиро на танҳо таҳаммулпазир, инчунин ҷолиб созанд. Худтанзимкунии масъулиятшиносона роҳ ба самти ҳамин мақсад мебошад.

***Оё дар байни бӯҳрони ҷаҳонии фарҳангӣ ва озодии матбуот робита мавҷуд аст?***

Интишор ёфтани карикатураҳои даҳрӣ дар мавзӯъҳои исломӣ бо аксҳои Муҳаммад пайғамбар (с) дар соли 2006 боиси норозигии васеъи мусалмонони ҷаҳон гашт. Эътирозҳои мазкурро ҳамчун намуди наву глобалии ташаннуҷӣ ба озодии матбуот алоқаманд

ташреҳ доданд, ки он ҳангоми зуҳур кардани озодии сухан дар сатҳи миллӣ садсолаҳо инҷониб мавҷуд буд.

Карикатураҳо бори аввал дар рӯзномаи даниягии «Юлландс-Постен» таҳти шиори ҳимояи озодӣ аз тарсондан интишор шуда буданд. Баъдтар онҳоро ВАО-и зиёд дар шакли ахбор, инчунин ба нишони ҳамрайъӣ ба табъ расонданд. Эътирози мусалмонон, ки дар баъзе ҳолатҳо ба зӯроварӣ боис гардид, қисман бо сабаби воқеии ташвиш аз мӯҳтавои беадабонаи карикатураҳо ба вуҷуд омада буд.

Ҳангоми бӯҳрон ҳуқуқи муқаррарии истифода аз усулҳои ҳаҷв нисбат ба динҳои анъанавӣ баъзан, ба маънои аслии калима, ҳадафи оташ қарор гирифт. Ҳамин чиз собит сохт, ки дар олами марзҳояш азбайнрафтаистодаи муосир воситаҳои ахбори омма дар миқёси ҷаҳонӣ ба махсусиятҳои фарҳангӣ бояд ҳассос бошанд.

### *Оё худтанзимкунӣ моҳияти ҷаҳонӣ дорад?*

Эҳтироми анъанаҳо бояд дутарафа бошад. Баъзе аз иштирокчиёни намоишҳо, ҳатто баъзе ҳукуматҳо талаб доштанд, ки давлат ба фаъолияти ВАО дахолат кунад. Дар миқёси ҷаҳон ба ҳам бархӯрд кардани фарҳангҳо он ҳақиқатеро тағйир намедиҳад, ки ҳукуматҳо ба фаъолияти журналистикаи масъулиятшинос бояд кордор нашаванд. Худтанзимкунӣ роҳи дурусти мусоидат намудан ба баландшавии касбият ва масъулиятшиносии глобалӣ мебошад. Бо маводи чопие, ки қишрҳои муайяни ҷамъиятро таҳқир менамоянд ба воситаи мақомоти худтанзимкунии одоби матбуоти сифатнок мубориза бурдан лозим аст.

### *Худтанзимкунии ВАО барои мусоидат кардан ба эҳтироми тарафайн ва ҳамдигарфаҳмии фарҳангҳо чӣ гуна нақш бозида метавонад?*

Ҷомеаи касбии ВАО барои дар ҷомеа ва олам баланд бардоштани сифати муоширaт масъулияти бузург дорад. Дар давраҳои зиёд гардидани моҷароҳои иҷтимоӣ ё динӣ вазифаи асосии воситаҳои ахбори омма аз он иборат мебошад, ки ташаннуҷи мазкурро аланга надиҳанд. Кодексҳои рафтор донишҳо ва таҷрибаи дар ин соҳа ғункардаи журналистонро бояд ҷамъ оварда, аз онҳо хулосаҳои зарурӣ бароранд.

Озодии суханро ба устуворсозии эътимод ва эҳтиёт муқобил гузоштан норавост. Дарки амиқи фарҳангҳои гуногун ва вокуниши аниқ ба зарурати хусусияти ҷаҳонидошта набояд озодии суханро маҳдуд созанд, балки онро бояд пурра гардонанд. Аз тарафи дигар, аз ҳад зиёд эҳтиёткорӣ намудан набояд маънои бӯғӣ кардани танқид ва баҳсҳои байни фарҳангҳоро дошта бошад. На танҳо гуногунандешӣ, инчунин ҷараёни онро ҳам ҳимоя кардан лозим аст, чунки бидуни он пешравӣ намешавад ва ҷаҳон аз тамаддунҳое иборат аст, ки онҳо аз ҳам бо марзҳо ҷудо карда шудаанд.

Фасли 2

# ТАҲИЯ НАМУДАНИ КОДЕКСҲОИ АХЛОҚИ ЖУРНАЛИСТ

## Моҳияти худтанзимкунии ВАО

*Явуз Байдар*

Кодексҳои ахлоқӣ вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои журналистонро ба таври ошкор муайян намуда, бо ҳамин васила ба журналистон ба роҳбарӣ гирифтани принсипҳои нисбатан дурусти фаъолияти касбиашонро пешниҳод мекунанд. Чунин кодексҳо дорои унвонҳои гуногун мебошанд: масалан, меъёрҳои ахлоқӣ, хартияи ахлоқӣ, кодекси рафтор, меъёрҳо ва қоидаҳо, кодекси ахлоқӣ ва ғайра. Аммо ҳамаи онҳо амалан мақсади яккела – таъмин намудани мустақилияти касбӣ ва хизматрасонӣ ба манфиатҳои ҷамъиятро иҷро мекунанд. Ин ҷо бештар мафҳуми умумии «кодекси ахлоқӣ» истифода мешавад.

Дар ин фасли китоб дар бораи таҳия ва истифодаи чунин кодекс маълумоти амалӣ пешниҳод гардидааст. Дар он мӯҳтаво ва нотакрории ҳар як кодекс, чӣ тавр иштирок кардани ҷомеаи касбии воситаҳои ахбори омма дар таҳиясозӣ ва истифодабарии он, чӣ тавр дастгирӣ ва бозсозӣ кардани он муайян карда мешавад.

# 1. Кодексҳои ахлоқӣ ба журналистикаи масъулиятшинос заруранд

### *Кодексҳо барои чӣ заруранд?*

Дар ҷомеаҳои демократӣ журналистон аз ҳуқуқҳои ҳимояшаванда ва имтиёзҳое бархурдор мебошанд, ки онҳо озодии таъсис додани воситаҳои мухталифи ахбори омма, ба таври оммавӣ ҷамъ овардани факту андешаҳо, интишор додани навигариҳо ва талаботи ҳисоботдеҳ буданро таъмин месозанд. Журналистон дар навбати худ бояд масъулиятшиносӣ нишон диҳанд. Онҳо бояд бо виҷдони пок ва мақсадҳои шаффоф фаъолият намоянд.

Ногузир замоне мерасад, ки журналистон, ба хотири ҳимояи некӯаҳволии ҷомеа, ҳадди озодиҳои худро бояд санҷанд. Агар журналистон мувофиқи меъёрҳои маслиҳатшудаи ахлоқии рафтор, дар асоси боэътимодӣ, холисона, мустақилона ва масъулиятшиносона фаъолият кунанд, онҳо бо зиддиятҳои қонунӣ камтар рӯ ба рӯ хоҳанд гардид. Кодексҳои ахлоқӣ, амалан, тантанаи озодии суханро таъмин месозанд.

### *Кодексҳо нисбати кадом журналистон татбиқ мегарданд?*

Журналистикаи холис ҷавобгӯйи манфиатҳои ҷомеа мебошад. Чунин журналистика иттилооти боэътимод, холис ва мутавозинро хабар дода, ба онҳое имкони сухан гуфтан медиҳад, ки имкони баён кардани андешаҳояшонро надоранд, инчунин андешаҳои мухталифи барои маводи мушаххас зарурро пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди дорои ғояҳо ва рағбатҳои шахсӣ будан, журналистикаи холис бояд дар байни фактҳо, тафсирҳо ва андешаҳо марзи мушаххас гузорад. Фарқи журналисткаи холис аз намудҳои «журналистикаи тарғиботӣ», журналистикаи пардапӯш, «журналисткаи миссионерӣ» ё

журналисткаи намоишкорона, ки ба мақсадҳо ё манфиатҳои мушаххас хизмат менамоянд, аз ҳамин иборат аст. Тамоми журналистони поквиҷдон бояд ба кодексҳои ахлоқӣ ҳамеша аҳамият диҳанд.

### *Аз кодекси ахлоқӣ кӣ бурд мекунад?*

Ҳама. Ба соҳибмулкон ва ноширони воситаҳои ахбори омма кодекси ахлоқӣ – ҳамчун сипар аз танқид ва даъвоҳои судӣ, ба журналистон – ҳамчун меъёри баҳодиҳии фаъолияташон, ба ҷомеа – ҳамчун кафолати дастрас намудани ахбори холисона, боэътимод ва санҷидашуда хизмат менамояд.

## 2. Кодексҳои ахлоқӣ гуногун мешаванд

***Барои чӣ дар кишварҳои гуногун кодексҳои гуногун қабул шудаанд?***

Аввалан, анъанаҳои журналистикаи кишварҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дуюм, баъзе кишварҳо дар робита ба таҳия намудан ва тағйир додани принсипҳои сармашқи фаъолияташон хеле суст вокуниш нишон медиҳанд, ё суст амал мекунанд. Сеюм ва аз ҳама муҳим, дар ҳар як ҷомеа сатҳи гуногуни ҳассосият вуҷуд дорад, ки ба хусусиятҳои демократия ва кодексҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ-этникӣ-динии рафтор асос ёфтаанд. Ҳамин ҳассосият аксар вақт дар мӯҳтавои иттилоот инъикос меёбад.

***Оё дар як мамлакат кодексҳои гуногун баробар амал карда метавонанд?***

Бале. Рӯзномаҳо, шабакаҳои радиою телевизионҳо ва сомонаҳои Интернет ҳам ҳамчун мӯҳтавои журналистика мухталиф ва тағйирёбанда мебошанд. Ҳар як воситаи ахбор, вобаста ба талаботаш, кодекси ахлоқии худашро таҳия карда метавонад.

***Оё дар кишвар мавҷуд будани кодекси ягона ба мақсад мувофиқ аст?***

Муҳим нест. Эҳтимол, як кодекси умумӣ ё як кодекс барои матбуот ва як кодекс барои воситаҳои электронии ахбор доштан мувофиқи мақсад бошад. Кодексе, ки дар тамоми қаламрави кишвар эътироф гаштааст, барои намудҳои ҷудогонаи кодексҳо ҳамчун намуна хизмат карда метавонад. Тавре таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, асос – содиқ будани ҳар як воситаи ахбори омма ба стандартҳои худаш мебошад. Дар амал бисёр кам даст медиҳад, ки кодекси

умумӣ бетафовут қабул карда шавад ва ё умуман ба инобат гирифта нашавад.

# 3. Мӯҳтавои ҳар як кодекси ахлоқӣ нотакрор мебошад

***Кодекси хуби ахлоқӣ аз кадом ҷиҳат фарқ мекунад?***

Чунин кодекс бо забони фаҳмо навишта шудааст: ҳамаи масъалаҳоро фаро гирифта, мӯъҷаз аст, ҳамеша таҳти назорат қарор дорад ва мунтазам нав карда мешавад.

***Оё кодекси намунавӣ барои истифодабарӣ дар тамоми ҷаҳон мавҷуд аст?***

Намунаи ягонаи кодекс мавҷуд нест. Эҳтимол, мавҷуд будани чунин намуна ба мақсад мувофиқ бошад, вале онро дар амал ҷорӣ кардан хеле мушкил аст. Аммо баъзе принсипҳои роҳбарии он нисбат ба принсипҳои дигаре, ки аз ҷониби оҷонсиҳои байналмилалии иттилоотӣ ё рӯзномаҳои машҳури амсоли “Вашингтон Пост” таҳия шудаанд, дар кодексҳои гуногун зуд-зуд дучор меоянд. Воситаҳои ахбор дар бораи кодексҳои миллӣ, маҳаллӣ ва хусусӣ огоҳ мебошанд ва таъсири онҳоро эҳсос менамоянд. Ин барои расидан ба сатҳи хуб мусоидат мекунад.

***Принсипҳои умумии ахлоқӣ кадомҳоянд?***

Дар солҳои охир масъалаи дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст ва талаботи кодексҳо нисбат ба масъалаи дахолат накардан ба ҳаёти шахси дигар сахттар гаштааст. Худтанзимкунӣ ҳам озодии баёни андешаҳо ва ҳам шаҳрвандонро аз сӯйистифода аз ҳамин озодӣ муҳофизат мекунад, аммо ин ду принсип аксар вақт зидди ҳамдигар баромад мекунанд. Аниқ муайян кардан зарур аст, ки чӣ чиз манфиати ҷомеаро ифода мекунад. Кодекс метавонад мафҳумҳои ҳаёти шахсӣ ва ҷойи хусусӣ ва инчунин

асосҳоеро дарбар гирад, ки мувофиқи онҳо одамон тавонанд аз болои дахолат кардани матбуот ба ҳаёти шахсиашон шикоят кунанд.

### *Оё кодекс вазифадор аст, ки масъалаҳои завқ ва одоби муоширатро дарбар гирад?*

Мафҳумҳои завқ ва одоби муошират қариб дар ҳамаи нашрияҳо ва ҳамаи кишварҳо такрор мешаванд ва, зимнан баробари ба амал омадани таҳаввулот дар ҷомеа, мунтазам дар ҳаракат мебошанд. Дар аксари рӯзномаҳои машҳур вобаста ба завқ ва одоби муошират қоидаҳои қатъӣ ҷорӣ гаштаанд, ҳамаи воситаҳои ахбори омма бошанд бояд кӯшиш кунанд, ки мафҳумҳои мазкурро муайян ва мутобиқи таҳаввулоти дар андешаи омма баамаломада онҳоро нав созанд. Агар намояндагони истеъмолкунандагони маҳсулоти ВАО дар хабарҳо ё тафсирҳояшон ягон ҷузъиёти таҳқиркунандаро пайдо кунанд, он гоҳ ҳамон ҷузъиёт эътибори сарчашмаро дар наздашон паст мекунад. Рӯзномаҳо, ба хотири эҳтимолан наранҷондани хонандаи муваққатиашон бояд аз доираи хонандагони доимиашон ба доираи нисбатан фарохтари берун назар андохтанро омӯзанд.

### *Дар ҳолати инъикос намудани масъалаҳои терроризм журналистон бояд кадом роҳнамоҳои маънавиро ба роҳбарӣ гиранд?*

Хабарҳо дар бораи амалҳои террористӣ бояд аниқ ва масъулиятшиносона бошанд. Махсусан, ҳангоми интихоб кардани калимаҳо эҳтиёткор будан лозим аст ва аз таърифу тавсифи амалҳои зӯроварӣ худдорӣ намудан муҳим аст. Аз мафҳумҳое, ки мазмуни эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ доранд, даст кашидан зарур аст. Мафҳуми «терроризм» ба таври гуногун, ҳатто баъзан мазмуни хилофдошта тафсир карда мешавад. Тибқи қоидаи аниқи Би-Би-Си: «Калимаи «террорист» барои фаҳмиш метавонад на ҳамчун кӯмакрасон, балки

монеа хизмат кунад. Журналистон бояд кӯшиш кунанд, ки ҳангоми истифодаи мафҳуми мазкур ҳатман ба сарчашма ишора кунанд. Онҳо баробари дар бораи фактҳо хабар додан бояд ба одамон имконият диҳанд, ки масъалаҳоро худашон тафсир карда тавонанд. Тасвири пурраи воқеаи баамаломада ва худдорӣ намудан аз истифодаи ибораҳои амсоли «муборизони роҳи озодӣ» ё «террористон» боварии хонандагонро ба воситаи ахбор афзун мегардонад. Мақсади асосии журналист ҳангоми дар бораи ҳар гуна воқеа иттилоъ додан – ба хонандагон имконияти андешаронӣ додан аст.

***Дар ҷомеаҳои гуногунфарҳанг принсипҳои роҳбарикунандаи ахлоқӣ бояд чӣ гуна бошанд?***

Кодексҳои ахлоқӣ принсипҳои марбут ба масъалаҳои аққалиятҳои миллиро бояд ҳатман фаро гиранд. Таҷрибаи Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуоти Британияи Кабир нишон медиҳад, ки барои ҳалли масъалаи мазкур чӣ бояд кард. Дар тартибу қоидаҳои комиссия меъёри махсусе мавҷуд аст, ки он ба масъалаи паст задани ҳуқуқи шахсони дигар бахшида шудааст: «Матбуот бояд аз истифодаи мафҳумҳои муғризона ё пастзанандаи мансубияти миллӣ, ранги пӯст, эътиқоди динӣ, ҷинс, мансубияти ҷинсии шахс, нуқсони рӯҳӣ ё дигар норасоиҳои ӯ худдорӣ намояд. Аз ҷузъиёте худдорӣ намудан лозим аст, ки ба мансубияти миллӣ, ранги пӯст, эътиқоди динӣ, мансубияти ҷинсии ягон нафар шахси воқеӣ ё норасоии рӯҳӣ, ё нуқсонҳои ӯ ишора мекунанд, агар онҳо ба воқеаҳои тасвиршаванда робитаи бевосита надошта бошанд».

Ин чунин маъно дорад, ки журналисти дар бораи ҷиноят хабардиҳанда, ба истисноӣ аз ҷониби пулис тавсиф кардани шахси ҷустуҷӯшаванда (масалан, «марди сафедпӯст» ё «зани зоҳираш осиёӣ»), дар маводаш ба мансубияти нажодӣ ё миллии гумонбаршаванда бояд ишора накунад. Принсипи мазкур дар

Британияи Кабир ба таври қатъӣ риоя мегардад, Комиссияи шикоятҳо аз болои матбуот бошад, рӯзномаҳоеро зери тозиёнаи интиқод қарор дода буд, ки онҳо ҳангоми инъикос намудани воқеаи ҳуҷуми ваҳшиёна ба муҳоҷирон талаботи кодексро вайрон карда буданд.

**Соҳаҳое, ки принсипҳои асосии ахлоқии Би-Би-Си фаро гирифтааст**

1. Боэътимодӣ
2. Беғаразӣ ва гуногунии андешаҳо
3. Холисӣ, муаллифон ва ризоият
4. Ҳаёти шахсӣ ва манфиати ҷамъиятӣ
5. Ҷиноятқорӣ ва рафтори хилофи ҷамъият
6. Зарар расондан ва таҳқир кардан
7. Кӯдакон
8. Чораҳои сиёсӣ ва сиёсати давлатӣ
9. Ҷанг, терроризм ва ҳолатҳои фавқулодда
10. Дин
11. Поквиҷдонии идораи воситаи ахбор ва мустақилият
12. Робитаҳои хориҷӣ
13. Ҳамкорӣ бо аудитория
14. Қонунгузорӣ
15. Масъулият

Сарчашма: www.bbc.co.uk/guidelines/editorialguidelines

# 4. Таҳияи кодеси ахлоқӣ: нақши ҷомеаи касбии ВАО

***Барои таҳияи кодекс кӣ масъул аст?***

Журналистон. Сифати рӯзномаро маҷмӯи аломатҳо, мисли боэътмодӣ, холисӣ, тавозуни андешаҳо, поквиҷдонӣ ва ғайра муайян менамоянд. Бинобар ин, бояд ба таҳия намудани кодекси рӯзномаи мазкур мутахассисони соҳа машғул шаванд.

***Оё бо гурӯҳҳои соҳавӣ/соҳибмулкони ВАО машварат оростан зарур аст?***

Зарур нест. Агар соҳибмулкони ВАО журналистони касбии воситаи ахбор бошанд бо онҳо машварат оростан зарур аст. Дар баъзе ҳолатҳои истисноӣ кодексро дар соҳа тасдиқ кунондан лозим мешавад. Аммо дар ниҳояти кор масъулиятро бояд муҳаррирон ба зиммаи худ гиранд.

***Чӣ чиз боис мегардад, ки журналистон ва муҳаррирон ба зарурати таҳия намудани кодекс эътимод пайдо кунанд?***

Хабарнигорон ва муҳаррирон бояд барои пурзӯр гаштани эътимоди хонандагон ба онҳо мусоидат намоянд. Вазифаи мазкур рӯз то рӯз мураккабтар мегардад, зеро мардум рӯз аз рӯз серталаб гардида, мехоҳанд ба воситаи Интернет мудом бо воситаҳои иттилоотӣ ҳамкорӣ карда, аз онҳо перомуни масъалаҳояшон сари вақт маслиҳат ва иттилоот дастрас кунанд. Дар аксари ҷомеаҳо сатҳи маълумотнокӣ ва «маърифатнокии иттилоотӣ» зуд баланд шуда, аҳли ҷомеа ба иттилооти муғризона ва таҳрифшуда зуд сарфаҳм мераванд. Истифодаи кодекси ахлоқӣ ба ташкилотҳои иттилоотӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои мазкур ва бо хонандагонашон барпо

намудани робитаҳои воқеан судманд кӯмак мерасонад. Дар ниҳояти кор, кодекси ахлоқӣ сармояи пурарзиши тиҷоратӣ ва воситаи таъмин намудани рақобатнокӣ мегардад.

### *Ба зарур будани риояи кодекс эътимод пайдо кардани ноширон/соҳибмулкони ВАО чӣ чиз боис мегардад?*

Ҳамаи далелҳои дар боло нишондодашуда истифода мегарданд. Илова ба ин, эҳтироми кодекси воқеии ахлоқӣ хатари дахолати қонунии мурофиаҳои пурқиммати судиро бамаротиб кам мекунад. Алтернативаи кодекс суд мебошад.

### *Чӣ чиз боис мегардад, ки журналистон ба зарурати риояи кодекс эътимод пайдо кунанд?*

Огоҳӣ: роҳбарият бояд муҳитеро таъмин созад, ки масъалаҳои ахлоқӣ дар байни ҳамкорон на танҳо вақти ба миён омадани масъалаи мушаххас, балки мунтазам мавриди баррасӣ қарор гиранд. Меъёрҳоро дар дохили коллектив аз ҳамкорони баобрӯю эътибор, аз муҳаррирони ботаҷриба омӯхтан мумкин аст. Ҳар қадаре, ки масъалаҳои мазкур дар коллектив бештар баррасӣ гарданд, майли риоя намудани меъёрҳо аз ҷониби журналистон ба ҳамон андоза зиёд мешавад.

Санҷишҳо: аксари рӯзномаҳо барои таҳлили мӯҳтавои навигариҳо, шикоятҳои хонандагон ва бо ташаббуси худи рӯзномаҳо шахсеро омбудсмен таъин менамоянд. Баҳои омбудсмен, ки дар асоси кодекси ахлоқӣ дода мешавад, дар рӯзнома ба табъ мерасад, ё дар мавҷ пахш мегардад. Ҳамин ҷиҳат боиси дарозумрии кодекс ва ба вуҷуд омадани фарҳанги омӯзиш гашта, дар доираи он журналистон рафтори баодобонаро ҳамчун меъёри фаъолияташон эътироф ва қабул мекунанд.

Усули қамчину ширинӣ: ташкилотҳои иттилоотии дар доираи стандартҳо фаъолияткунанда журналистонеро, ки одобу ахлоқро риоя менамоянд, бояд мунтазам ва ба таври оммавӣ ҳавасманд гардонда, барои камбудиҳояшон ҷазо диҳанд. Таҳсину танқид – ду воситаи самараноки обутобдиҳии сифати одоби касбӣ мебошанд.

### *Агар журналистон бо баъзе меъёрҳои кодекс розӣ нашаванд, чӣ ҳодиса ба амал меояд?*

Журналистон вазифадоранд стандартҳои асосии муқаррарнамудаи ташкилотеро риоя намоянд, ки дар он фаъолият доранд. Ҳангоми ба кор қабул шудани журналистон дар назар аст, ки онҳо кодекси ахлоқии ташкилотро эътироф мекунанд ва ин кодекс дар он ташкилот ҳамчун қутбнамо журналистонро аз дуршавӣ аз стандартҳои журналистикаи ҳақиқӣ огоҳ месозад.

Баъзе воситаҳои ахбори омма ба шартномаҳои меҳнатиашон масъалаи риояи расмии кодексро ворид менамоянд. Баъзе воситаҳои ахбори дигар содиқ будан ба риояи қатъии меъёрҳои ахлоқиро самти муҳими фаъолияти худ қарор медиҳанд.

# 5. Таҳияи кодекси ахлоқӣ: нақши давлат ва ҷомеа

***Ҳангоми таҳия ва қабул шудани кодекс давлат чӣ гуна нақшро бояд иҷро кунад?***

Давлат набояд иштирокчии фаъоли раванди мазкур бошад. Танҳо ҷомеаи касбии ВАО ба таҳияи кодекси ахлоқӣ масъул аст. Дар ҳолати дахолат кардани давлат ба мустақилияти лоиҳаи мазкур таҳдид ворид мегардад.

***Ҳангоми таҳияи кодекс ҷомеа чӣ гуна нақшро бояд иҷро кунад?***

Машваратӣ. Таҳиякунандагони кодекс метавонанд барои гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ муроҷиат намоянд, инчунин метавонанд ба кодексҳои пештар қабулшуда ишора кунанд ва адабиёти ватанию байналмилалиро муқоиса намоянд. Онҳо бояд ба андешаи аҳли ҷомеа ва одамони огоҳ гӯш диҳанд, андешаҳои мутахассисони дигар, қонунгузорон ва олимонро пазиранд. Фикри ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, махсусан ташкилотҳои босалоҳияте, ки ҳангоми инъикоси навигариҳо тавонанд саволҳои маънавӣ таҳия намуда, назарҳои гуногуни қобили эҳтиромро муаррифӣ кунанд, гирифтану бо онҳо машварат кардан басо муҳим аст. Вале дар хотир доштан зарур аст, ки мутахассисони мазкур ва ташкилотҳо дорои манфиатҳои худ мебошанд, аз ин рӯ ба пешниҳодҳои онҳо бо назари интиқодӣ ва эҳтиёткорона баҳо додан лозим аст.

Дар мавриди аввал ба андешаи он журналистоне аҳамият додан зарур аст, ки онҳо ҳангоми таҳияи кодекси касбии ахлоқӣ мустақилияти идории худ ва маводи чопиашонро ба таври ҷиддӣ ҳифз мекунанд.

# 6. Кодексҳои ахлоқӣ ба нав кардан ва тарғибот мудом ниёз доранд

### *Кодексҳо барои чӣ аз нав сохта мешаванд?*

Ҷомеаҳо мудом тағйир меёбанд. Ҳамин ҷиҳат ба хусусияти ҷамъоварӣ, баҳодиҳӣ ва интишор додани иттилоот таъсир мерасонад. Дилеммаҳои нав, таҳқиқотҳо ва андешаҳо ба вижагиҳои фаъолияти журналистон таъсир мерасонанд. Масалан, ба наздикӣ исбот гашт, ки усули пешниҳод кардани гузоришҳо дар бораи худкушии одамон метавонад шахсро ба пайравӣ кардан ва анҷом додани чунин аъмоли ношоиста равона созад. Журналистон таҳти фишори зарурати мусоидат накардан ба чунин пайравии одамон монда, ба кодекси ахлоқиашон вобаста ба ҳамин ҷиҳат бояд тағйироти мутобиқ ворид созанд.

### *Ба кодексҳо кай тағйирот ворид карда мешаванд?*

Замоне, ки бонги огоҳӣ ворид мешавад ва вақте ки кодекс ба мушкилоти дар лаҳзаи омодашавии нашри навигариҳо баамаломада вокуниш нишон дода наметавонад. Замоне журналистон ба хулоса оянд, ки дар кодекс норасоӣ ва камбудӣ мавҷуд аст, яъне фурсати аз нав баррасӣ намудани кодекс ва ба он ворид кардани тағйироту иловаҳо фаро расидааст.

### *Ба навсозии кодекс бояд кӣ машғул шавад?*

Агар он кодекси ахлоқии ташкилоти журналистон, масалан, федератсия, анҷуман ё иттифоқ бошад, ба тағйир додани чунин кодекс комиссияе машғул мешавад, ки он аз ҷониби ташкилот таъин ва вазифадор карда шудааст. Агар кодекси воситаи ахбори омма бошад, он гоҳ барои нав кардани кодекс гурӯҳи журналистони

ботаҷрибае машғул мешаванд, ки аз ҷониби сармуҳаррир таъин гаштаанд, худи сармуҳаррир ҳам метавонад дар фаъолияти гурӯҳи мазкур иштирок кунад.

### *Барои огоҳ будани ҳамаи журналистон аз мавҷудияти кодекс кадом корро анҷом додан зарур аст?*

Агар кодекси ахлоқиро ташкилоти журналистӣ интишор дода бошад, он гоҳ худи ҳамон ташкилот вазифадор аст, ки ба воситаи дар нашрия ё сомонаҳои интернетӣ эълон ба табъ расондан, дар мубоҳисаҳо, нишастҳои матбуотӣ, ба воситаи радио ва телевизион аъзояшро аз мавҷудияти кодекс огоҳ созад.

Агар кодексро воситаи ахбори омма интишор дода бошад, он гоҳ роҳбарият бояд ходимонашро дар сӯҳбатҳо ва мубоҳисаҳои дохилиидоравӣ бо мӯҳтавои кодекс ошно созад ва онро барои ходимон дастрас гардонда, талаб кунад, ки ҳангоми ба миён омадани ҳар гуна мушкилот ба кодекс муроҷиат намоянд.

Масъалаҳои ахлоқ бояд ба барномаҳои таълимии донишгоҳҳое, ки ба тайёр кардани мутахассисон машғул мебошанд, ворид карда шавад.

### *Оё ҷомеа низ вазифадор аст, ки дар бораи кодекс огоҳ бошад?*

Аҳли ҷомеа – хонандагон, шунавандагон, бинандагон ва истифодабарандагони Интернет бояд огоҳ бошанд, ки воситаҳои ахбори омма кодекси ахлоқӣ доранд ва онро дар ҳаёт татбиқ мегардонанд. Огоҳии аҳли ҷомеа барои дастгирии боэътимодӣ, дастрасӣ ва боварӣ муҳим аст.

Худи намояндагони воситаҳои ахбор дар хабарҳо ва тафсирҳояшон бояд дар бораи кодексҳо маълумот диҳанд. Ба воситаи дар сомонаи

Интернет ҷой додан кодекс дастраси омма мегардад. Дар бораи вайрон кардани меъёрҳои кодексҳо ва қарорҳои судӣ ҳарчи зудтар хабар додан зарур аст. Дар ҳар ҳолати мушаххас омбудсмен, агар дар ташкилот чунин вазифа мавҷуд бошад, бояд ба кодекс ишора намояд.

Фасли 3

# МАҚОМОТИ ХУДТАНЗИМКУНӢ

## Таъмини эҳтироми кодекси ахлоқӣ

*Уилям Гор*

Таҳияи кодекси ахлоқӣ дар роҳи худтанзимкунии самараноки воситаҳои ахбори омма танҳо қадами аввалин мебошад. Мақомоте таъсис додан зарур аст, ки аз болои риоя гаштани кодекс ва истифодаи чораҳо нисбат ба журналистоне, ки меъёрҳои кодексро вайрон мекунанд, назорат ба роҳ монад.

Мақомоти мазкур дар шаклҳои гуногун мавҷуд буда метавонанд. Шаклҳои асосии чунин мақомот омбудсмен ва шӯроҳои худтанзимкунии матбуот мебошанд, ки дар поён, дар фаслҳои минбаъда роҷеъ ба онҳо муфассалтар сухан хоҳем гуфт.

Дар ин фасли китоб самаранокии мақомоти худтанзимкунии матбуот ва истеҳсолоти судӣ муқоиса карда мешавад; ба таъсирнокии ҷазои маънавӣ баҳо дода мешавад; мақбулияти мақомоти худтанзимкунӣ барои ҳамаи намудҳои ВАО баррасӣ мегардад; инчунин ҷиҳатҳои ҷудогонаи баррасии шикоятҳо, амсоли мӯҳлат, аз ҳуқуқи раддия навиштан огоҳ будан ва иҷрои вазифаи пешгирисозӣ фаҳмонда дода мешавад.

# 1. Алтернативаи боэътимоди истеҳсолоти судӣ

***Нафъи мақомоти худтанзимкунӣ дар чист?***

Мақомоти худтанзимкунӣ марзҳои байни ҳуқуқҳои қонунии матбуоти озод ва ҳуқуқҳои қонунии одамони ба маркази диққати ВАО афтодаро аз ҳам ҷудо мекунанд. Маъмулан, ин кор ба воситаи омӯхтани шикоятҳои ба кодекси ахлоқӣ тааллуқдошта, инчунин бо роҳи муқаррар кардани дараҷаи нақзи меъёрҳои он анҷом дода мешавад. Ҳамин тариқ, онҳо ба журналистон ва аҳли ҷомеа роҳнамоӣ мекунанд, ки кадом усулҳо мақбуланд ва воситаҳои ахбори омма ба талаботи кадом стандартҳо бояд ҷавобгӯ бошанд. Кор бо шикоятҳо метавонад ба баланд бардоштани стандартҳои касбӣ мусоидат намояд.

***Чӣ ҳоҷат аз таъсиси мақоми баррасикунандаи баҳсҳо, агар ба ин кор аллакай судҳо машғул бошанд?***

Агар вазифаи судҳо аз тасдиқ ва татбиқ намудани қонун иборат бошад, пас матбуот дар ҷомеаи демократӣ бояд аз дахолати аз ҳад зиёди судӣ ва сиёсӣ озод бошад. Аз ҳама беҳтар он аст, ки матбуот розӣ бошад, ки хешро худ танзим намояд, ё танзимкуниро ба зиммаи мақомоти мустақил вогузор созад.

Дар ин ҳолат нафъи амалӣ ҳам ҳаст. Масалан, хароҷот барои шикояткунандагон бояд аз хароҷоти киро кардани ҳимоячӣ кам бошад; мӯҳлати баррасии шикоят бояд кӯтоҳ бошад; қоидаҳо бояд зудтар тағйир дода шаванд; худи ҷараёни танзимсозӣ нисбат ба баррасии судӣ бояд дорои моҷарои камтар бошад.

***Оё якбора ҳам ба суд ва ҳам ба мақомоти худтанзимкунӣ шикоят кардан мумкин аст?***

Ба ду мақомот якбора муроҷиат кардан мувофиқи мақсад нест. Мақомоти худтанзимкунӣ, вақте ҳарду тарафи баҳс ба воситаи миёнаравӣ бо ҳам вомехӯранд, беҳтар фаъолият мекунад ва парванда бо роҳи ба табъ расондани хабар дар бораи хато, узр пурсидан ва ғайра танзим карда мешавад. Агар парванда дар айни ҳол дар суд ҳам баррасӣ шуда истода бошад, чунин корро анҷом додан мушкил мегардад. Воситаи ахбори омма, эҳтимол, ба ҳамкорӣ кардан бо мақомоти худтанзимкунӣ бо дили нохоҳам розӣ шавад, зеро ҳарос дорад, ки кӯшишҳояш барои бо роҳи осоишта ҳал намудани масъалаи баҳсро метавонанд дар суд зидди худаш истифода кунанд.

# 2. Чораҳои ахлоқӣ – воситаи муассир

***Мақомоти худтанзимкунӣ кадом чораҳои ҷазодиҳиро бояд истифода баранд?***

Чораи асосии ҷазодиҳӣ «раддия» мебошад, ки воситаи ахбори ба хатогӣ роҳдода ба раддия бояд ба таври ихтиёрӣ розӣ шавад ва онро ба табъ расонад. Ин кор роҳбаронро водор месозад, ки дар назди ҳамкорону ходимон ва хонандагонашон хатои роҳдодаашон ва аз ҷониби худашон риоя нагаштани стандартҳоро эътироф намоянд.

***Оё чораҳои маънавӣ самара доранд?***

Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуоти Шоҳигарии Муттаҳида ба хулоса омад, ки аксари шикоятҳо бо роҳи осоишта ҳаллу фасл карда мешаванд. Ин ҳолат бо сабаби он ба амал меояд, ки роҳбарони ВАО кӯшиш менамоянд, ки то ҳадди имкон аз шикоятҳои ба онҳо нигарондашуда худро ба канор гиранд. Ҳамин ҷиҳат собит месозад, ки таҳдиди «раддия» чораи воқеан пуртаъсир аст. Ба самаранокии чораҳои маънавӣ қоил будан лозим аст.

***Оё ҷазо дар шакли ҷарима бастан ба рӯзнома беҳтар нест?***

Вақте ки чораҳо ҷаримаи молиявиро дар назар надоранд, он гоҳ танзимкунии ихтиёрӣ бештар самара меоварад. Ҳар гуна чорае, ки ҷарима бастанро пешбинӣ мекунад, нисбатан хосияти ҳуқуқӣ ва моҷародор пайдо карда, дар натиҷаи он ҳуқуқшиносон дар бораи андозаи ҷарима байни ҳам баҳсу мунозира барпо мекунанд. Ин ҳолат моҳияти амалӣ ва судманди дорои мақомоти худтанзимкунӣ буданро коҳиш медиҳад.

Далелҳое ҳастанд, ки муҷозоти молиявӣ барои рӯзномаҳо ҷазои самаранок нест, зеро бо сабаби ба табъ расондани мақолаи моҷароҷӯёна теъдоди нусхаҳои рӯзнома аз ҳисоби фурӯш афзуда, андозаи ҷаримае, ки баъди мақолаи моҷароӣ баста мешавад, баланд мегардад. Илова бар ин, оқибатҳои ҷарима бастан метавонад, вобаста ба вазъи молиявии рӯзномаи мушаххас мухталиф ва на ҳама вақт одилона бошад.

Дар ҳар сурат ба мақомоти худтанзимкунӣ, агар дар бобати ҷаримабандӣ асоси қонун пешбининамуда мавҷуд набошад, ҷорӣ намудани ҷарима ё ҷуброни зарар мушкил мегардад. Бастани ҷарима хилофи идеяи низоми худтанзимкунӣ мебошад.

***Оё мақомоти худтанзимкунӣ ҳуқуқ доранд, ки пардохти ҷубронпулиро муайян намоянд?***

Ба шикояткунандаи дар баҳс дастболошуда, бо сабаби одатан аз рӯзноманигор рӯёнда нашудани ҷарима, маъмулан ҷубронпулии зарар пардохт карда намешавад.

***Оё мақомоти худтанзимкунӣ бояд дорои ҳуқуқи боз доштани фаъолияти журналистон ё рӯзнома бошанд?***

Бо ин масъала ҳамаи масъалаҳои дигари ҷиддӣ алоқамандананд. Аввалан, дар натиҷаи монеа эҷод намудан ба ҷараёни дастрасии озодонаи ҷомеа ба иттилооти аз тариқи ВАО интишоршаванда принсипи умумии озодии сухан халалдор мегардад. Боз доштани нашри мавод ҷазои баробар барои ҷомеа ва рӯзнома мебошад. Дуюм, дар низоме, ки дар асоси масъулият доштани муҳаррирон ба қабули қарорҳо бунёд шудааст, муқаррар намудани ҷазо ба журналисти мушаххас одилона ба назар намерасад.

***Оё ҳуқуқ ба ҷавобро қонун бояд кафолат диҳад?***

Ба ин меъёр зарурат нест ва он иҷронашаванда аст. Аз ҷониби судҳо муайян карда шудани ҳолатҳои пешниҳодсозии чунин ҳуқуқ ба мақсад мувофиқ нест. Беҳтараш ин масъаларо мақомоти худтанзимкунӣ ҳаллу фасл созанд.

***Оё мақоми худтанзимкунӣ вазифадор аст, ки ҳуқуқ ба ҷавобро ба таври автоматӣ таъмин гардонад?***

Тибқи андешаи Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуоти Шоҳигарии Муттаҳида, шахсони алоҳида бояд дорои ҳуқуқи автоматии ҷавоб додан ба шикояти аз болояшон навишташуда бошанд. Комиссияи мазкур чунин мешуморад, ки «дар ҳолати асосноки мавҷуд будани зарурат» ба андешидани чораҳо нисбати таҳрифкориҳо имконияти муфид фароҳам оварда шавад. Ба андешаи баъзе мақомоти дигари худтанзимкунӣ, дар ҳолати танқид шудан ба одам ё ташкилот бояд имконияти вокуниш нишон додан пешниҳод карда шавад. Аммо хатаре мавҷуд аст, ки бо василаи додани ҳуқуқ барои ҷавоб, дар робита ба таҳқиқотҳои ҷиддӣ ва танқид, озодии матбуот то андозае маҳдуд карда мешавад. Нозукии масъалаи «ҳуқуқ ба ҷавоб додан» дар ҳамин ифода мегардад.

**Ҳуқуқи ҷавоб додан мутобиқи қоидаи Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуоти Шоҳигарии Муттаҳидда**

Банди 1 (Саҳеҳият). Дар тартибу қоидаҳои Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот омадааст, ки «матбуот бояд аз нашр намудани иттилооти носаҳеҳ, гумроҳсозанда ё таҳрифшуда худдорӣ намояд». Илова бар он менависад, ки «носаҳеҳии ҷиддӣ, сухани гумроҳсозанда ё таҳрифкорӣ, дар ҳолати исбот шудан, бояд сари вақт ва ба таври чашмрас ислоҳ карда шаванд...».

Банди 2 (Имконияти ҷавоб додан). Дар кодекс гуфта шудааст: «Дар заминаи талаби асоснок ба хабарҳои носаҳеҳ бояд имконияти одилонаи ҷавоб додан фароҳам оварда шавад». Масъалаи асоснок будани талабро Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот муқаррар менамояд.

***Оё ба шикояткунандагон имкон дода мешавад, ки аз болои қарори мақомоти худтанзимкунӣ шикоят кунанд?***

Бояд механизме мавҷуд бошад, ки ба воситаи он дар ҳолати пайдо шудани далелҳои нав, ё дар ҳолати мавҷуд будани далели нодуруст тафсир шудани шикоят, аз болои он шикоят карда шавад. Дар асоси ба таври дуруст истифода нашудани тартибу қоидаҳо аз ҷониби мақомот аз болои қарори он шикоят кардан мумкин аст. Дар Шоҳигарии Муттаҳида эродҳо нисбати нодуруст баррасӣ гаштани шикоятҳо аз ҷониби Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот мумкин аст ба омбудсмен, узви ваколатдори комиссия, дода шавад, ки аз тарафи Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот таъин гардида, новобаста аз он амал мекунад. Узви ваколатдор метавонад танҳо шикоятҳоеро омӯзад, ки онҳо ба тартибу қоидаҳо алоқаманд буда, вале ба моҳияти масъалаи парванда дахл надоранд.

Дар Шоҳигарии Муттаҳида аз болои қарорҳои қабулнамудаи «мақомоти давлатӣ» тибқи тартиби «тафтиши судӣ» ба суд шикоят кардан мумкин аст. Расман муайян карда нашудааст, ки оё Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот «мақоми давлатӣ» аст ё не, вале Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот ҳаргиз хилофи чунин санҷиш нест ва қарорҳояш ҳамеша шаффоф мебошанд. Дар 15 соли фаъолияти Комиссия танҳо се парвандаи баррасинамудаи онро суд аз нав санҷидааст. Дар ҳар се ҳолат ҳам судҳо ба хулоса омадаанд, ки Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот барои қабул кардани қарорҳо дар бораи мавҷуд будан ё набудани нақзи Тартибу қоидаҳои соҳаи рӯзномаҳо мақоми боэътимод мебошад, аз ин рӯ судҳо қарор қабул кардаанд, ки тартибу қоидаҳо аз ҷониби Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот ба таври мӯътамад риоя гаштааст. Дар натиҷа судҳо қарорҳои комиссияро дубора баррасӣ накардаанд.

Мавҷуд будани чунин тартибу қоида дар кишварҳои дигар аз эътибори мақомоти худтанзимкунӣ ва хусусияти низоми истеҳсолоти судии кишвар вобаста аст.

# 3. Муқаррар намудани мӯҳлатҳои баррасӣ кардани шикоятҳо зарур аст

### *Оё мӯҳлати пешниҳод кардани шикоятҳоро муайян намудан ҳатмӣ аст?*

Аксарияти мақомоти худтанзимкунӣ мӯҳлати пешниҳод кардани шикоятро муқаррар мекунанд. Мӯҳлати мазкур аз як то шаш моҳ давом карда, аз лаҳзаи ба табъ расидани мавод ё анҷом ёфтани мукотибаи фаъолонаи байни шикояткунанда ва муҳаррир оғоз меёбад (ба шарте, ки шикоят баъди ба табъ расидани мавод ба зудӣ пешниҳод шуда бошад).

### *Барои чӣ мӯҳлат муқаррар карда мешавад?*

Шикоятҳоро баррасӣ намудан то замоне самаранок мебошад, ки танқид ҳанӯз аз хотири одамони танқидшуда зудуда нашуда, мавзӯи мақола ҳанӯз рӯзмарра аст. Пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои исботкунанда, масалан, мақолаи рӯзноманигор, барои баррасӣ гаштани масъалаҳое, ки то замони шикоят овардан ба амал омадаанд, нисбатан камсамар мебошанд. Илова бар ин, воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии дар ихтиёри мақомоти худтанзимкунӣ мавҷудбуда, масалан, узр пурсидан, чоп кардани хабар ё раддия дар бораи хатои содиршуда, дар ҳолате, ки онҳо бармаҳал анҷом дода шуда бошанд, бештар самаранок мебошанд.

### *Оё барои нашр кардани мақола дар Интернет ҳам мӯҳлат муқаррар карда мешавад?*

Баъзе мақомоти худтанзимкунӣ мақолаи дар сомонаи Интернет ҷой додашударо ҳамчун маводи нави чопӣ эътироф менамоянд. Ҳамин тариқ, маводе, ки дар сомонаи интернетии рӯзнома ба таври озод

дастраси хонандагон аст, агар он қаблан дар рӯзнома дар мӯҳлати муайяншуда нашр нашуда бошад ҳам, амалан метавонад мавриди шикоят қарор гирад.

# 4. Мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд фаъолияти ҳар гуна ВАО-ро танзим намоянд

***Худтанзимкунӣ бештар ба кадом намуди воситаи ахбори омма мувофиқ аст?***

Мақомоти худтанзимкунӣ барои дар амал татбиқ намудани назорат аз болои ҳамаи намудҳои воситаҳои ахбори омма қодир мебошанд. Эҳтимол, онҳо на барои баррасӣ кардани масъалаҳои техникии дар натиҷаи пахши мавҷ баамалоянда, балки барои баррасӣ намудани парвандаҳои редаксионӣ бештар мувофиқанд. Воситаҳои ахбори мавҷӣ метавонанд ба қоидаҳои нисбатан мушаххастар ниёз дошта бошанд, зеро барои онҳо иҷозатнома гирифтан лозим аст, вале барои матбуоти чопӣ чунин иҷозатномаҳо талаб карда намешавад. Худи раванди иҷозатномадиҳӣ мӯҳтоҷи назорати махсус мебошад.

***Барои дар назди худтанзимкунии ВАО ба вуҷуд омадани кадом масъалаҳо Интернет боис мегардад?***

Танзими Интернет метавонад ба мушкилоти махсус алоқаманд бошад, зеро олами шабакавӣ дорои хосияти ҷаҳонӣ мебошад. Бо сабаби он, ки сомонаҳо метавонанд дар кишваре ҷойгир бошанд, ки аз кишвари барои он мавод омода намудаашон дар масофаи дур ҷойгир аст. Дар чунин ҳолат масъалаҳои вобаста ба дастрасӣ барои ҳамон ташкилоти танзимкунанда ба вуҷуд меоянд, ки ба зиммаи он вазифаи назорат кардани кодекс гузошта шудааст.

Дар натиҷаи танзими Интернет ба роҳ мондани назорат аз болои соҳаҳои мушаххас бештар муваффақ мегардад. Масалан, мақомоти худтанзимкуние, ки дар гузашта аз болои воситаҳои ахбори оммаи чопӣ назорат ба роҳ мемонданд, акнун, ҳатто агар намунаҳои маводи

дар шабака гузошташуда аз намунаҳои маводи дар нашрияҳои чопӣ интишоршуда фарқ дошта бошанд ҳам, метавонанд ба танзими сомонаҳои интернетии рӯзномаҳо ва журналистон машғул шаванд. Чунин сомонаҳо метавонанд дорои маводи аудиоию видеоие бошанд, ки мақомоти худтанзимкунӣ маъмулан ба онҳо кордор нестанд. Акнун ба мақомоти худтанзимкунӣ зарур аст, ки дар баробари қабул кардани шикоятҳо аз болои мақолаю аксҳои интишорнамудаи рӯзномаю маҷаллаҳо, шикоятҳои аз болои мақолаҳо ва аксҳои дар сомонаҳои интернетӣ интишоршударо ҳам қабул кунанд.

Механизмҳои худтанзимкунӣ метавонанд барои кор бо технологияҳои зуд рушдкунандаи муосир мувофиқ бошанд, зеро онҳо мутобиқи табиаташон нисбат ба механизмҳои қонунгузорӣ зудамал мебошанд.

***Оё мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд аз болои саҳифаҳои Интернетии истифодабарандагон назорат ҷорӣ кунанд?***

Маводи аз ҷониби истифодабаранда омодашуда танҳо хоси сомонаҳои интернетии воситаҳои ахбори омма нестанд. Онҳо дар саҳифаҳои рӯзномаҳо, намоишҳои телевизиони муқаррарӣ, дар барномаҳои радио ҳам пайдо мешаванд. Дар ҳамаи ҳолатҳо мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд барои кор бо чунин мавод мутобиқ гарданд. Дар айни ҳол зарур аст, ки чунин ҳолатҳо аз рӯйи моҳияти парванда баррасӣ шаванд ва асосан ба он масъала диққат додан лозим аст, ки пайдо шудани мавод то кадом андоза ба беаҳамиятии идораи воситаи ахбор алоқаманд аст. Вобаста ба маводи видеоии таҳиянамудаи истифодабаранда, ки дар сомонаи интернетии рӯзнома ҷой дода шудааст, масалан, қарори идораи воситаи ахбор барои нашр намудани он зарур мебошад. Шарҳу тафсири хонанда, ки ба тахтаи хабарҳо равона гардидаанд, баръакс дар сомона бе назорат пайдо мешаванд. Ҳамин тавр, намудҳои гуногуни мавод метавонанд ба сатҳҳои муайяни танзимкунӣ тааллуқ

дошта бошанд. Аммо дар саҳифа бе иҷозати идораи воситаи ахбор пайдо шудани мавод идораи воситаи ахборро аз масъулият озод намекунад.

# 5. Масъалаи асосӣ: таъмин намудани огоҳии аудитория дар бораи мавҷуд будани эҳтимоли шикоят кардан

***Оё ба аҳли ҷомеа донистани ҳуқуқаш дар бораи шикоят пеш овардан зарур аст?***

Ин масъала дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад. Агар одамон дар бораи ҳуқуқи аз болои маводи дар рӯзномаҳо мутолиа карда, аз телевизион дида ва аз радио шунидаашон шикоят карданашонро надонанд ягон мақомоти худтанзимкунӣ босамар фаъолият карда наметавонад.

Дар баъзе кишварҳо сатҳи огоҳии омма бағоят баланд аст. Ин даъво махсусан дар муносибат ба кишварҳое амсоли Норвегия ва Шветсия одилона аст, зеро дар кишварҳои мазкур дер боз шӯроҳои матбуот ва комиссияҳои оид ба шикоятҳо амал мекунанд. Вале дар баъзе кишварҳои дигар барои таъмин намудани огоҳии омма дар бораи баёни эродҳояшон нисбат ба ВАО анҷом додани корҳои зиёд ҳанӯз дар пешанд. Мақомоти худтанзимкунии дорои захираҳои васеъ, масалан, Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуоти Шоҳигарии Муттаҳида, албатта, нисбат ба мақомоте, ки дорои буҷет ва ходимони камшумор мебошанд, дорои имкониятҳои васеътари иттилоотонидани омма мебошанд.

***Огоҳии омма дар бораи ҳуқуқи шикоят кардан доштанро чӣ тавр баланд бардоштан мумкин аст?***

Усули аз ҳама осонтарин – дар худи ВАО барои хонандагон нашр намудани хабар дар бораи роҳҳои шикоят кардан аз болои мавод мебошад. Барои баъзе воситаҳои ахбори омма ин кор номақбул мебошад, зеро ягон рӯзнома намехоҳад, ки шикоятҳоро қабул кунад.

Аммо, тавре дар боло дар бораи масъулиятшиносӣ гуфта шуд, огоҳ намудани хонандагон дар бораи дорои ҳуқуқи шикоят буданашон як ҷузъи ҳамон масъулиятшиносӣ мебошад.

Чораҳои дигар ҳам мавҷуд мебошанд. Маъракаҳои реклама, ҳарчанд чунин маъракаҳо дорои хароҷоти зиёд бошанд ҳам, вале самараноканд. Рӯзҳои дарҳои кушода барои ҷалб намудани омма ба мулоқот бо аъзои мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд нақши муҳим дошта бошанд, вале онҳо ҳам хароҷоти калон талаб мекунанд. Эҳтимол, роҳи аз ҳама мувофиқтарин барои доираи ҳарҷӣ васеи тарафҳои ҳавасманд мунтазам нашр кардани ахбори арзанда дар бораи фаъолияти мақомоти худтанзимкунӣ бошад. Инъикос намудани чунин фаъолият дар ВАО нисбат ба ҳамаи чораҳои дигар барои огоҳии омма бештар мусоидат мекунад.

### *Оё мақомоти худтанзимкунӣ метавонад чораҳои пешгирикунанда андешида, дар ҳолати мавҷуд набудани шикоят ҳам таҳқиқот барпо намоянд?*

Аксари мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд худашон шикоятҳоро ташкил кунанд, аммо фосилаи байни воқеаҳои ба таври сунъӣ ташкил намудани шикоятҳо хеле зиёд мебошад.

Оғоз намудани таҳқиқот метавонад хатарнок бошад, ҳатто худи одамоне, ки мақола ё барнома ба танқиди ӯ нигаронда шудааст, аксар вақт худашон шикоят намекунанд. Одам ҳуқуқи комил дорад, ки бо ягон сабаб шикоят накунад. Дар ҳолати бе розигии шахси танқидшуда оғоз намудани таҳқиқот мутобиқи қонунгузории ҳуқуқи инсон мақомоти худтанзимкунӣ метавонанд ба нақзи ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ роҳ диҳанд.

Ҳамзамон, аксар вақт илова ба нафаре, ки танқид ба ӯ нигаронда шудааст, боз нафари дигаре пайдо мешавад, ки роҳҳои навишта шудани мақолаи бараъло тезу тунд ё барномаи радиоро медонад: эҳтимол, мақола дар натиҷаи ҳамкории фаъолонаи тарафе навишта шуда бошад, ки ба назар ҷабрдида менамояд. Мақомоти худтанзимкунӣ ба вазифаҳои миёнаравӣ аҳамият дода, наметавонад дуруст муайян созан, ки иштирокчиёни парванда, агар онҳо шикоят нанавишта бошанд, аз натиҷаи парванда қаноатбахш мешаванд ё не. Ба онҳое, ки нияти ҳаллу фасл намудани баҳсро доранд, агар андешаи яке аз иштирокчиёни асосии баҳсро надонанд, дар бораи вазъият тасаввуроти пурра пайдо карда наметавонанд.

Фасли 4

# ШӮРОҲОИ МАТБУОТ

## Архетипи мақомоти худтанзимкунӣ

*Огниан Златев*

«Шӯрои матбуот» яке аз шаклҳои паҳнгаштаи мақомоти худтанзимкунӣ мебошад. Шӯроҳои мазкур, ки ба ҳайаташон асосан намояндагони ҷомеаи касбии ВАО ворид мешаванд, ба ҳизбҳои сиёсӣ алоқаманд нестанд. Вазифаи асосии онҳо, бо роҳи қабул кардани қарорҳои коллективӣ баррасӣ намудани шикоятҳо аз болои фаъолияти воситаҳои ахбори омма мебошад. Вазифаҳои мазкурро татбиқ намуда, шӯроҳои матбуот ба ҷомеа кафолати сифати иттилооти дастрасшавандаро дода, масъулиятшиносии касбии ҷомеаи воситаҳои ахбори оммаро намоиш медиҳанд, ки ин ҷиҳат ҳангоми мавҷуд будани танзимсозии васеъи давлатии ВАО зарур нест.

Ҳар як шӯрои матбуоти доимо амалкунанда ҳамчун зодаи таърихи мушаххас ва муҳити воситаҳои ахбори кишвар воқеаи нодир мебошад. Мақсади фасли мазкур аз таҷрибаи ҳудудҳои берун аз марзҳои миллӣ барои ҷомеаи касбии ВАО кишвар, ки нияти чунин мақомот таъсис додану фаъолият ба роҳ мондан доранд, ё онро таҷдид сохтанӣ ҳастанд, пешниҳод кардани иттилооти судманд мебошад.

# 1. Вазифаҳои асосии шӯрои матбуот

### *Шӯрои матбуот чӣ манфиат дорад?*

A press council is essentially good for building trust and credibility in the media; for improving quality standards in media outlets; for preventing interference from the state and the authorities; and for diminishing the number of court cases against journalists.

### *Ӯҳдадориҳои асосии шӯрои матбуот аз чӣ иборат аст?*

Ӯҳдадориҳои асосии шӯрои матбуот инҳоанд:

- қабули шикоятҳо;
- санҷидани масъалаи ба доираи фаъолияти кодекси ахлоқӣ дахл доштани шикоят;
- баррасии ҷиддӣ ва ҳаматарафаи шикоятҳо;
- дар байни шикояткунанда ва воситаи ахбори омма ҳамчун миёнарав баромад кардан;
- аз рӯйи шикоятҳо дар асоси меъёр ва қоидаҳо қабул кардани қарорҳои холисона;
- муайян кардани ВАО, ки мунтазам ба нақзи принсипҳои ахлоқӣ роҳ медиҳанд;
- таъмини шаффофият ва оммавияти ҳамаи қарорҳои қабулшуда;
- таҳлил ва тафсири тамоюлҳои дар фаъолияти ВАО бамаломада ва таҳияи дастурҳо мутобиқ ба талаботи кодекс;
- пешниҳоди тағйироту иловаҳо барои ворид намудан ба кодекси ахлоқӣ (дар ҳолати мавҷуд будани ваколатҳои зарурӣ);
- муқаррар намудани стандартҳои касбии журналистика;
- ҳимояи озодии матбуот.

***Бартарии шӯрои матбуот аз механизмҳои дигари худтанзимкунӣ дар чист?***

Шӯроҳои матбуот ҳамчун мақоми коллегиалӣ бо миқдори зиёди намояндагонаш аз дигар механизмҳои худтанзимкунӣ фарқ мекунанд ва ҳамин ҷиҳати сернамоянда буданашон боиси ба он эътимод доштани одамон мегардад. Шӯрои матбуот яке аз шаклҳои фаъоли худтанзимкунӣ мебошад ва барои баррасӣ гаштани ҳамаи андешаҳо имконият фароҳам месозад.

***Барои шӯрои матбуоти амалкунанда чӣ чиз аз ҳама муҳим аст?***

Ба шӯрои матбуот бояд намояндагони ҳамаи тарафҳои манфиатдор – журналистон, муҳаррирон, соҳибмулкони ВАО ва намояндагони аҳли ҷомеа ворид гарданд. Ҳамаи онҳо бояд дар байни ҷомеа соҳибэҳтиром ва ҷонибдори ба вуҷуд овардани эътимоди одамон ба консепсияи худтанзимкунӣ бошанд. Шӯро тартибу қоидаҳои фаъолияташро бояд муқаррар намояд.

# 2. Шӯроҳои матбуот дар минтақаи САҲА

*Январи соли 2008 (дар асоси маълумоти мавҷуда)*

***Дар кадом кишварҳо аллакай шӯроҳои матбуот фаъолият менамоянд?***

Дар баъзе кишварҳо шӯроҳои матбуот дер боз фаъолият доранд, масалан, дар Олмон, Нидерланд ва кишварҳои Скандинавия. Баъзе кишварҳои дигар шӯрои матбуотро ба тозагӣ таъсис додаанд. Дигаргуниҳои демократии вақтҳои охир дар Босния ва Ҳерсеговина, Булғория, Гурҷистон ва Арманистон баамаломада боиси дар кишварҳои мазкур босуръат рушд кардани воситаҳои ахбори оммаи мустақил гаштааст. Бо ҳамин сабаб масъалаи худтанзимкунии ВАО ҳам ба вуҷуд омад. Бо вуҷуди ин, кишварҳое ҳам ҳастанд, ки дар онҳо шӯроҳои матбуот вуҷуд надоранд, ё фаъолияташонро қатъ кардаанд. Ба қатори кишварҳои мазкур Утриш, Фаронса ва Португалия дохил мешаванд.







**USA** **CAN***

**Давлатҳое, ки дар онҳо то соли 2000 шӯрои матбуот таъсис ёфтааст**

**Давлатҳое, ки дар онҳо баъди соли 2000 шӯроҳои матбуот таъсис дода шудааст**

**Давлатҳое, ки дар онҳо то ҳол шӯроҳои матбуот таъсис дода нашудааст**




* Regional press councils (in Catalonia in Spain, and in the Flemish Region in Belgium)

### *Барои чӣ дар баъзе кишварҳо то ҳол шӯроҳои матбуот таъсис дода нашудааст?*

Сабабҳои асосии вуҷуд надоштани шӯроҳои матбуот:

- сабабҳои сиёсӣ: масалан, вақте ки ҳукумат мехоҳад дар ВАО сензура ҷорӣ намояд;
- сабабҳои иқтисодӣ: кишварҳое мебошанд, ки дар онҳо воситаҳои ахбори омма танҳо бо мақсади ба даст овардани даромад ё ҳимоя намудани манфиатҳои элитаи корчаллонҳо ва сиёсӣ истифода мегарданд. Дар чунин кишварҳо бозори ВАО бениҳоят маҳдуд аст;
- сабабҳои ҳуқуқӣ: мамлакатҳое, ки дар онҳо масъалаҳои ахлоқӣ ва саҳеҳият дар қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти матубот ва ВАО-и электронӣ танзим карда шудаанд;
- сабабҳои фарҳангӣ: мамлакатҳое, ки ҷомеаи касбии журналистон хилофи худтанзимкунӣ мебошанд.

### *Барои чӣ баъзе ходимони ВАО хилофи таъсис додани шӯроҳои матбуот мебошанд?*

Худтанзимкунӣ раванди сустамал ва дар доираи вақт номаҳдуд мебошад, ки ин ҳолат ҳатто дар ҷомеаҳои мутараққии демократӣ ҳам ба чашм мерасад. Баъзе журналистон андеша мекунанд, ки шӯрои матбуот ба озодии ВАО хатар дорад. Стандартҳои журналистика дар тамоми олам боиси баҳсҳои доманадор гаштаанд. Баъзе назариячиён ҷонибдори холисии (объективӣ) ба муносибати беғаразона асосёфта, гуногунандешии дохилӣ ва ҳангоми инъикос намудани масъалаҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ мавқеи бетарафӣ ишғол кардан мебошанд. Дигарон бошанд андеша доранд, ки кӯшиши ба вуҷуд овардани журналистикаи холисона «вазифаи иҷронашаванда» аст, аз ин рӯ идеяи шӯроҳои матбуотро рад мекунанд.

***Дар бораи фаъолияти шӯроҳои матбуоти амалкунанда аз кадом сарчашмаҳо маълумот пайдо кардан мумкин аст?***

Дар ду сомонаи интернетӣ дар бораи шӯроҳои матбуот маълумоти васеъ дода шудааст:

- www.media-accountability.org
- www.wanewscouncil.org

Бо намояндагони шӯроҳои матбуот ба воситаи сомонаҳои интернетиашон, ё ба воситаи ширкат кардан дар машваратҳои ҳарсолаи Иттифоқи шӯроҳои мустақили матбуот дар Аврупо (AIPCE) алоқа барпо кардан мумкин аст.

# 3. Масъалаҳое, ки қабл аз таъсис додани шӯрои матбуот ҷавоб талаб менамоянд

***Оё модели «барои ҳама ягона»-и шӯрои матбуот вуҷуд дорад?***

Эхтимол, дар натиҷаи омӯхтани шӯроҳои матбуоти мавҷуда барои воситаҳои ахбори оммаи маъмулӣ (радио, телевизион ва матбуоти чопӣ) модели ягонаи сохторӣ таҳия намудан мумкин бошад, аммо ба ғайр аз ин ҳар як шӯрои матбуот бояд хусусиятҳои мамлакат дар соҳаҳои қонунгузорӣ, фарҳанг ва анъанаҳои соҳаи ВАО, сатҳи пухтагии демократияро ба эътибор гирад.

***Оё шӯроҳои матбуот ба ҳамаи намудҳои ВАО мувофиқ аст?***

Аз ҷиҳати назариявӣ мувофиқ мебошад. Дар амал бошад мувофиқ будан ё набудан ба хусусиятҳои миллӣ ва давраи рушди ВАО алоқаманд аст.

Аксарияти шӯроҳои матбуот дар олам асосан бо мақсади худтанзимкунии матбуоти чопӣ таъсис дода шудаанд, зеро мавҷ дар бисёр мавридҳо аз ҷониби қонунҳо, дастурҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ танзим карда мешавад. Аммо воқеаҳои вақтҳои охир, дар натиҷаи дар кишварҳое, ки рӯзномаҳо ба ВАО электронӣ маблағҳои калон доданд, ба он оварда расонд, ки барои танзим намудани моликияти умумии рӯзномаҳою воситаҳои электронии ахбор санадҳои меъёрии байнисоҳавӣ ҷорӣ гаштанд.

***Оё барои таъсис додани шӯрои матбуот қонунгузории нав талаб карда мешавад?***

Лозим нест. Дар аксарияти кишварҳо шӯрои матбуот таъсис дода мешавад ва аъзои он, новобаста аз қонунгузории мушаххас, аз

ҳисоби тарафҳои асосии манфиатдор интихоб карда мешаванд. Дар баъзе мавридҳо шӯрои матбуотро қонун пешбинӣ намудааст, масалан, дар Дания баъди дар соли 1992, дар натиҷаи баҳсҳои иқтисодии байни журналистон ва соҳибмулкони ВАО баамаломада ва мавҷуд набудани дастгирӣ аз ҷониби аксарияти воситаҳои ахбори омма пош хӯрдани мақомоти худтанзимкунӣ ҳукумат Шӯрои матбуоти Данияро таъсис дод.

### *Оё ба шӯрои матбуоти қонун пешбиникарда ягон хатар таҳдид мекунад?*

Мустақил будани шӯрои матбуоти қонун пешбиникарда шубҳаовар аст. Ин ҳолат махсусан барои кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта, ки дар онҳо демократия то ҳол устувор нагаштааст, хатарнок мебошад. Дар чунин кишварҳо таъсири сиёсӣ ба ВАО ва сатҳи худсенсории коркунони ВАО баланд аст, зеро дар чунин кишварҳо қолибҳои рафтори сиёсии кӯҳна то ҳол нигоҳ дошта шудааст. Ба шӯрои матбуоти қонун пешбиникарда роҳ додан лозим нест.

### *Оё барои таъсис додани шӯрои матбуот кодекси ахлоқӣ талаб карда мешавад?*

Ҳатмӣ нест. Дар аксари кодексҳои ахлоқӣ шӯрои матбуот ба ҳайси механизми татбиқи он пешбинӣ карда мешавад. Агар кодекс ташаккул додани шӯрои матбуотро пешбинӣ нанамояд, он гоҳ ба он тағйирот ворид кардан лозим аст.

Дар баъзе кишварҳо, дар натиҷаи то замони ташаккулёбии шӯро ба муросо даст ёфтани тарафҳои манфиатдор, қабул шудани кодекси нав қадами аввалин барои таъсис додани шӯрои матбуот шудааст.

# 4. Сохтор ва тартибу қоидаҳои шӯрои матбуот

***Сохтореро, ки ба шароити маҳаллӣ ҷавобгӯ бошад, чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?***

Роҳи умумии ҳалли масъалаи мазкур вуҷуд надорад. Роҳи ҳалли масъала аз ҷумла ба анъанаҳои демократӣ, фарҳанг, рушди ВАО, сатҳи озодии сухан, инчунин мавқеи ҷуғрофӣ, идораи давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ дар кишвар вобаста аст. Дар баъзе маҳалҳо тафриқаи забонӣ нақш мебозад.

Агар кишвар калон ва дорои минтақаҳои зиёди маъмурӣ бошад, вобаста ба мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва гуногунии бозори минтақавии матбуот шӯроҳои минтақавӣ худашон метавонанд қарор қабул кунанд. Аммо онҳо фақат ба воситаҳои ахбори оммаи минтақавӣ хизмат мерасонанд ва наметавонанд барои таъсис додани сохтори миллии худтанзимкунӣ монеа бошанд. Шӯроҳои минтақавии матбуот бо сабабҳои субъективӣ ва молиявӣ дар масъалаи мустақилӣ метавонанд мушкилот дошта бошанд. Ҳар қадаре, ки минтақаҳо кам бошанд, имконияти ба ҳам ихтилоф шудани манфиатҳо зиёд мегардад.

Дар аксари ҳолатҳо, ҳар андозае, ки шӯрои матбуот марказонида шуда, мустақил ва пуриқтидор бошад, ҳамон андоза беҳтар аст. Шӯроҳои минтақавии матбуот бидуни таҳлили таъсири худтанзимкунӣ ба ВАО бояд таъсис дода нашаванд.

**Таъсис додани Шӯрои матбуоти Булғория**

Баҳсҳо дар бораи худтанзимкунӣ дар Булғория аз ибтидои солҳои 1990, дар баробари рушд кардани воситаҳои ахбори оммаи мустақил оғоз гардид. Ҳамчун дар дигар низомҳои демократияҳои нав, дар ибтидо дар Булғория ҳам, масъалаи худтанзимкунӣ мавриди баҳси доираи маҳдуди олимон, назариячиён ва ташкилотҳои соҳаи ВАО, аз он ҷумла Иттифоқи журналистон қарор гирифта буд.

Дар давраи солҳои 1990-2002 беш аз ҳафт намунаи кодекси ахлоқии ВАО Булғория таҳия карда шуд, вале барои дар амал ҷорӣ намудани онҳо механизм мавҷуд набуд. Ниҳоят баъди дахолати фаъолонаи соҳибмулкони ВАО қадамҳои амалӣ гузошта шуд ва натиҷаҳои чашмрас ба даст омад. Кӯмаки байналмилалӣ дар шакли лоиҳаи маблағгузоринамудаи ЕС/ФАРЕ нақши намоёнашро гузошт, вале кори амалӣ, стратегия, мубоҳисаҳо ва идеяҳо аз ҷониби тарафҳои иштирокчӣ ворид гардиданд.

25 ноябри соли 2004 аз ҷониби аксарияти воситаҳои ахбори оммаи Булғория дар ҳузури президенти ҷумҳурӣ, сарвазир ва раиси парламенти кишвар Кодекси ахлоқи ВАО Булғория ба имзо расонда шуд. Баъди гузаштани ҳашт моҳи ба имзо расидани кодекс мақоми иҷроияи он – Шӯрои миллӣ оид ба ахлоқи журналист (www.mediaethicsbg.org) таъсис ёфт, ки он имрӯз бомуваффақият фаъолият дорад.

***Қоидаҳои шӯрои матбуот чӣ тавр муайян ва тасдиқ карда мешаванд?***

Умуман, қоидаҳо баъди дар байни ҳамаи тарафҳои манфиатдор (журналистон, муҳаррирон, соҳибмулкони ВАО, аҳли ҷомеа) баррасӣ гаштан қабул карда мешаванд. Қабули қоидаҳо ба базаи қонунгузории

ҳар як мамлакат вобастагии қавӣ дорад. Дар баъзе мамлакатҳо, масалан, дар Шоҳигарии Муттаҳида, қоидаҳоро худи ВАО таҳия намудаанд. Кишварҳое, ки давраи гузаришро аз сар мегузаронанд ё дар ибтидои роҳи рушд кардани худидоракунии ВАО қарор доранд, барои кӯмак ба аҳли ҷомеаи байналмилалӣ муроҷиат намудаанд.

### *Сохтори шӯрои матбуот маъмулан чӣ гуна аст?*

Маъмулан дар таркиби аъзои раёсат фонди асосӣ мавҷуд аст, ки ба зиммаи он вазифаҳои идора кардани фаъолияти ташкилот ва маблағҳояш гузошта шудааст. Дар назди ҳамин фонд як ё якчанд комиссияе таъсис дода мешавад, ки барои қабули шикоят аз болои фаъолияти ВАО ва кор бо онҳо машғул мегарданд. Комиссияҳо инчунин аз ҳисоби аъзои раёсат ташкил карда мешаванд, онҳо мумкин аст аъзое бошанд, ки ба ҳайати фонд ворид нестанд.

### *Оё чунин сохтор барои ҳам бо ВАО чопӣ ва ҳам электронӣ якбора машгул шудан истифода бурда мешавад?*

Нақши асосии шӯрои матбуот аз баррасӣ намудани шикоятҳое иборат аст, ки ба нақзи кодекси ахлоқӣ дахл доранд. Дар аксари ҳолатҳо шӯрои матбуот барои кор бо ВАО-и гуногун бо он сабаб сохтори монанд дорад, ки аксари шикоятҳо барои матбуот ва воситаҳои ахбори электронӣ якхела мебошанд.

## ШӮРОИ МАТБУОТ ДАР БУЛҒОРИЯ




Шӯрои миллӣ оид ба ахлоқи журналист дорои раёсате мебошад, ки ба ҳайати он ҳафт нафар аъзо, намояндагони ташкилотҳои ҷонибдори таъсисдиҳии фонд – Иттифоқи ноширони Булғория (2), Анҷумани журналистони электронии Булғория (2), Иттифоқи журналистони Булғория (1), Маркази рушди ВАО (1) ва Коалитсияи ВАО-и Булғория (1) ворид шудаанд.

Дар ҳар як Комиссияи оид ба ахлоқ 12 нафар аъзои ба тариқи се квотаи чорнафарӣ аз ҳар тараф интихобшуда фаъолият мекунанд: як квота аз журналистон, як квота аз корфармоён (ноширон/соҳибмулкон) ва як квота аз намояндагони мустақили ҷомеаи шаҳрвандӣ ва арбобони ҷамъиятӣ. Намояндагони журналистон ва корфармоён дар анҷуманҳои ташкилотҳояшон интихоб карда мешаванд (масалан, дар анҷумани Иттифоқи журналистони Булғория ва анҷумани Иттифоқи ноширон). Номзадҳо ба квотаҳои намояндагони мустақил бо маслиҳати журналистон ва соҳибмулкони воситаҳои ахбори омма интихоб карда мешаванд.

Сарчашма: www.mediaethics-bg.org

# 5. Аъзои шӯро ва аъзои раёсати шӯрои матбуот

### *Ба ҳайати аъзои шӯрои матбуот бояд кӣ ворид шавад?*

Аксарияти ҳайати шӯро бояд аз журналистон, соҳибмулкони воситаҳои ахбори омма ва ноширон иборат бошад. Ҳайати аъзо маъмулан ба воситаи иттиҳодияҳои касбӣ пурра карда мешавад.

### *Оё иштироки ҳамаи воситаҳои ахбори омма дар кори шӯро ҳатмист?*

Агар аксарияти воситаҳои ахбори омма аз риоя намудани кодекси ахлоқӣ сарпечӣ кунанд, он гоҳ чунин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки консепсияи худидоракунӣ мунҳариф мегардад ва барои давлат шароити дахолат кардан ба вуҷуд меояд. Бо ҳамин васила обрӯю эътибори ВАО ҳамчун намуди бизнесе, ки стандартҳои волои касбиро бояд риоя кунад, паст мегардад. Дарояндаи нисбатан дур ҳамин ҳолат эътимодро ба иттилооти пешниҳодкунандаи ВАО ва сифати он коҳиш хоҳад дод.

### *Оё аъзои шӯрои матбуот шудани ношир ҳатмист?*

Ноширон, ҳатто агар онҳо вазифаҳои бевоситаи редаксиониро иҷро накунанд ҳам, ҷузъи ҷудонашавандаи худидоракунии ВАО мебошанд. Ба воситаи маблағгузорӣ ва нашри ВАО ноширон ба муқаррар гаштани стандартҳо таъсири бавосита мерасонанд. Дар ҳайати шӯрои матбуот набудани онҳо ҳавасмандии журналистонро кам карда, ба он боис мегардад, ки стандартҳо аз ҷониби журналистон риоя намешаванд. Аз зарурати аъзо шудани ноширон ба шӯрои матбуот ба ҳайси масъулиятшиносии дастаҷамъонаи ВАО ҳамчун соҳа пуштибонӣ кардан лозим аст.

Дар баъзе кишварҳо, амсоли Швейтсария, шӯроҳои матбуот бидуни дастгирии ноширон ва соҳибмулкони ВАО таъсис дода шудаанд. Вале, тавре таҷриба нишон медиҳад, дар байни ҷомеаи касбии воситаҳои ахбори омма ва аудиторияи ВАО он шӯроҳои матбуоте бештар обрӯю эътибор доранд, ки бо ширкати фаъолонаи ноширон ва соҳибмулкони ВАО созмон дода шудаанд.

### *Оё «матбуоти зард», ки маъмулан майли риоя кардани кодексҳои ахлоқиро надоранд, вазифадоранд, ки дар ҳайати шӯро иштирок кунад?*

Агар чунин ВАО кодекси ахлоқиро имзо карда бошанд, пас онҳо вазифадоранд, ки дар баробари ҳамаи дигар ВАО ӯҳдадориҳо ва масъулияти ба зиммадоштаашонро иҷро кунанд. Агар онҳо ба зери кодекс имзо нагузошта бошанд, он гоҳ бояд ба фаъолияти шӯрои матбуот таҳдид накунанд. Аксарияти шӯроҳои матбуот дар байни ВАО асосӣ ва матбуоти «зард» фарқ намегузоранд, баръакс, ВАО-ро ба касбӣ ва ғайрикасбӣ ҷудо мекунанд.

**Аъзои Шӯрои матбуоти Нидерланд**

Шӯрои матбуоти Нидерланд (www.rvdj.nl) аз ҷониби бунёди “Stichting Raad voor de Journalistiek” таъсис дода ва идора карда мешавад. Ба ҳайати он ташкилотҳои зерини нисбатан пуриқтидори соҳаи ВАО ворид мешаванд:

- Иттифоқи журналистони Нидерланд (Nederlandse Vereniging van Journalisten);
- Ҷамъияти сармуҳаррирони Нидерланд (Nederlands Genootschap van Hoofdredacteuren);
- Оҷонсии миллии иттилоотии Нидерланд (Algemeen Nederlands Persbureau);

- Якчанд ташкилотҳои ҳамоҳангсози матбуоти чопӣ;
- Ташкилотҳои ҳамоҳангсози мавҷи давлатӣ ва тиҷоратӣ;
- Ташкилоти соҳаи Интернет – «Олами Интернет».

### *Кӣ бояд ба ҳайати раёсат ворид шавад?*

Таҷрибаи гуногун мавҷуд аст. Дар аксари ҳолатҳо ба шӯроҳои матбуот намояндагони гурӯҳҳои асосии касбӣ ва арбобони машҳури ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Шахсони мансабдори давлатӣ ҳам вобаста ба кишвар ва сифатҳои шахсиашон метавонанд узви раёсати шӯрои матбуот шаванд, вале ширкати онҳо бояд маҳдуд ва бо розигии ҳамаи тарафҳо муайян карда шавад.

Намояндагони аҳли ҷомеа дар 80 фоизи шӯроҳои матбуот нақши муҳим доранд. Ширкати аҳли ҷомеа дар ҳайати шӯро боиси пурзӯр гаштани эътимоди мардум ба он шуда, имконият фароҳам меоварад, ки андешаҳои мустақил ва беғаразона пешниҳод гарданд. Намояндагони аҳли ҷомеа ҳам, махсусан дар кишварҳое, ки дар онҳо анҷуманҳои истеъмолкунандагони ВАО мавҷуд нест, як воситаи хуби пешниҳод шудани андешаҳои истеъмолкунандагони ВАО мегарданд.

### *Аъзои раёсат бо кадом роҳ таъин карда мешаванд?*

Аъзои раёсат бояд мувофиқи тартиби қоидаҳои демократӣ таъин карда шаванд. Маъмулан, ин кор бо роҳи пешниҳод намудани номзадҳо ва овоздиҳии аҳли ҷомеаи касбӣ ва воситаҳои ахбори оммае, ки кодексро имзо карда, шӯрои ояндаи матбуотро эътироф намудаанд, анҷом дода мешавад. Воситаи дигареро, ки онро дар Шоҳигарии Муттаҳида бартар донистаанд, ба воситаи кумитаҳои мустақил ба ҳайати раёсат пешбарӣ намудани номзадҳо мебошад.

### *Ӯҳдадориҳои аъзои раёсат аз чӣ иборат аст?*

Намунаҳои гуногун вуҷуд доранд, вале аъзои раёсат пеш аз ҳама аз ҷониби матбуот иҷро шудани вазифаҳо ва мутобиқат намудани фаъолияти он ба принсипҳои асосиро месанҷанд. Онҳо инчунин вазифадоранд, ки меъёрҳо ва қоидаҳои баррасӣ намудани шикоятҳоро тасдиқ намоянд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо ҳалли масъалаҳои нисбатан мураккабро ба ӯҳда мегиранд. Онҳо ба таври умумӣ ба баланд бардоштани сатҳи иттилоотонӣ ва рушди консепсияи худтанзимкунӣ мусоидат менамоянд.

### *Оё аъзои раёсат рӯзи пурраи корӣ фаъолият мекунанд?*

Не, онҳо ӯҳдадориҳояшонро берун аз кор, дар вақти холиашон анҷом медиҳанд. Маҷлисҳои раёсат вобаста ба тартибу қоидаҳои фаъолият дар вақти дилхоҳ барпо мегарданд. Дар Булғория, ки ба зиммаи раёсат баррасӣ кардани масъалаҳои дорои хусусияти стратегӣ гузошта шудааст, маҷлисҳои раёсат дар як сол камаш се маротиба барпо мегарданд.

### *Оё шӯрои матбуот барои иҷро намудани фаъолияти ҷорӣ ба ҳайати кормандони иҷрокунанда зарурат дорад?*

Бале. Ин ҳайат ба роҳ мондани ҷараёни муносиби баҳо додан ба шикоятҳо – баррасӣ намудани дархостҳои рӯзмарра, ба роҳ мондани ҷобаҷогузории пешакии шикоятҳо, ҷудо карда гирифтани ахбори иловагӣ, омода намудани маҷлисҳои раёсат, дар ҳолати ба миён омадани зарурат даъват кардани коршиносон ва ташкил кардани иттилоотонии ҷомеа дар бораи қарорҳои қабулкардаи шӯро аз рӯйи парвандаҳои матбуотро таъмин мегардонад.

# 6. Аъзои шӯрое, ки ба баррасӣ намудани шикоятҳо машғул мегарданд

***Барои баррасӣ намудани шикоятҳо чанд нафар аъзо бояд машғул шаванд?***

Ин масъала ба миқдори воситаҳои ахбори оммае, ки дар низоми худтанзимкунӣ ширкат доранд ва чигунагии вазъи кишвар алоқаманд аст. Барои шунидани андешаҳои гуногун миқдори ВАО бояд кофӣ бошад, ки ин ҳолат барои нигоҳ доштани холисӣ ва пайдо шудани боварию эътимод ба консепсияи худтанзимкунӣ мусоидат мекунад. Вале бо мақсади бо осонӣ ба як хулосаи умумӣ расидан миқдор бояд аз ҳад зиёд набошад. Бо мақсади он ки шумораи овозҳои аъзо дар натиҷаи овоздиҳӣ баробар тақсим нашаванд, ҳайат бояд тоқ бошад. Миқдори ба мақсад мувофиқ, эҳтимол, 7-11 аъзо бошад.

***Оё аъзои шӯро вазифадоранд, ки дар соҳаи фаъолияти истеҳсолоти судӣ таҷриба дошта бошанд?***

Зарур нест. Кодеси ахлоқӣ ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ нест ва шӯро қарорҳои ҳуқуқӣ қабул намекунад. Ба аъзои шӯро на донишҳои ҳуқуқӣ, балки сифатҳои волои шахсӣ ва касбӣ зарур аст. Дар муқоиса бо қарорҳои судӣ, ки адолат ва ҷазоро пешбинӣ менамоянд, қарорҳои шӯрои матбуот хосиятиислоҳсозӣ доранд ва стандартҳои журналистика ва ҳуқуқи ҷомеаро барои дастрас намудани иттилооти холис ҳимоя мекунанд. Қарорҳои мазкур имконияти аз рӯйи шикоятҳо оғоз кардани баҳсҳои судиро аз байн намебаранд.

# 7. Маблағгузории шӯрои матбуот

### *Шӯрои матбуот бо кадом роҳ маблаггузорӣ карда мешавад?*

Роҳи нисбатан муносиби маблағгузорӣ кардани шӯрои матбуот – низоме мебошад, ки мустақилияти онро таъмин месозад. Аз ҳама беҳтар, сарчашмаҳои маблағгузорӣ бояд гуногун бошанд, зимнан, қисмати зиёди ин маблағгузорӣ бояд аз худи ВАО ворид шавад, чуноне, ки дар Нидерланд ё Шветсия аст, ё, аз соҳибмулкон ва журналистон баробар ворид шавад, чуноне ки дар Норвегия аст. Аммо дар баъзе кишварҳо, масалан, дар Швейсария маблағгузории шӯрои матбуотро фақат журналистон анҷом медиҳанд. Дар кишварҳое, ки дар давраи гузариш ё дар давраҳои ибтидоии ташаккулёбии худтанзимкунӣ қарор доранд, яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ бояд донорҳои байналмилалӣ бошанд.

### *Барои маблаггузорӣ намудани шӯрои матбуот давлат чӣ гуна нақш дошта метавонад?*

Дар баъзе кишварҳо, ба монанди Люксембург ва Кипр, аз маблағгузории давлатӣ истифода мебаранд, зеро ВАО давлатӣ ҳам таҳти амали кодексҳои ахлоқӣ қарор доранд. Чунин тарзи иштирок бояд ба воситаи механизмҳои боэътимоде назорат карда шавад, ки он имкон дошта бошад садди роҳи дахолати давлат ба фаъолияти шӯрои матбуот гардад.

***Агар шӯрои матбуот асосан аз ҷониби истеҳсолоти ВАО маблаггузорӣ гардад, пас оё чунин мақомот метавонад пурра бегараз бошад?***

Ин ҳолатро бояд тартибу қоидаҳои аниқ ва механизмҳои коршоям кафолат диҳанд. Ҷараёни маблағгузорӣ ва ҷараёни қабули қарорҳо аз рӯйи шикоятҳо бояд аз якдигар ҷудогона ба амал оянд.

***Кадом механизмҳоро таҳия намудан мумкин аст?***

Маблағгузорӣ метавонад аз тариқи ҳаққи аъзогӣ ё бо назардошти теъдод ва андозаи корхона, аз хусусияти воситаи ахбори омма вобаста бошад. Шаффофияти бақайдгирии маблағҳои ба ҳисоби шӯро интиқолдодаи ташкилотҳоро таъмин намудан лозим аст, дастрасии ҳамаи воситаҳои ахбори оммаро ба феҳристи маблағҳои воридшуда, ки аъзои чунин мақомоти худтанзимкунӣ мебошанд, таъмин намудан зарур аст. Ҳисоботҳои солонаи шӯрои матбуот бояд ҳисоботи молиявиеро дарбар гиранд, ки дар онҳо маблағҳои пулии ба ҳисоби шӯро интиқолдодаи ҳар як воситаи ахбори омма инъикос ёфта бошад. Аксари аъзое, ки қарорҳои кумитаҳоро қабул менамоянд, бояд одамоне бошанд, ки бо ВАО робита надоранд, дар тартибу қоидаҳои шӯро бошад ба таври аниқ навиштан зарур аст, ки қарорҳои қабулшуда ба маблағгузаронӣ ё маблағҳои хайрияи воситаи ахбори омма алоқамандӣ надоранд.

***Буҷети шӯрои матбуот чӣ гуна таъмин мегардад?***

Аввалан, аз ҳисоби аъзоҳаққии солонаи ҳамаи воситаҳои ахбори оммае, ки барои риоя намудани кодекси ахлоқӣ розӣ мебошанд ва қарорҳои шӯрои матбуотро эътироф мекунанд. Амнияти молиявиро инчунин бо роҳи мусоидат кардан ба чунин самтҳои фаъолияти шӯрои матбуот, амсоли нашри ҳарсола, таҳия сохтани  лоиҳаҳо ва базаҳои маълумот, инчунин тибқи масъалаҳои мушаххас ташкил кардани

маъракаҳои оид ба ҷамъоварии маблағҳо таъмин кардан мумкин аст. Вобаста ба сарчашмаҳои маблағгузорӣ мавҷуд будани ҳисобу китоби аниқ зарур аст.

Таҷрибаи ширкати рекламавии булғории «Маҳсулоти булғориро интихоб намо! аз ин лиҳоз басо муфид аст, ки дар чаҳорчӯбаи он ҳар як воситаи ахбори оммаи иштирокчии он барои аз фоидаи бадастовардааш ба ҳисоби шӯрои матбуот интиқол додани фоизи муайян розӣ шудааст.

**Даҳ банде, ки тибқи онҳо то замони таъсис додани шӯрои матбуот маслиҳат кардан зарур аст**

1. Гирд овардани ҳамаи воситаҳои ахбори омма
2. Гирифтани розигии муҳаррирон
3. Гирифтани розигииноширон
4. Таъмини дастгирии ҳукумат ва ҷомеа
5. Мувофиқа ва коркарди принсипҳои асосии ахлоқӣ
6. Муайян сохтани хароҷот ва ҳаҷми маблағгузорӣ
7. Ташаккул додан ва муҳокимаи сохтори мақомот (ҳайати кормандон, ба он кадом ВАО бояд ворид шавад)
8. Муайян кардани ваколатҳои мақомот (вазифаҳои огоҳсозӣ, тартиби қабул кардани қарорҳо аз рӯи шикоятҳо)
9. Баланд бардоштани сатҳи иттилоотонӣ дар бораи кодекси ахлоқӣ дар ВАО ва омода кардани журналистон
10. Ҳамкорӣ бо дигар мақомоти мушобеҳ ва табодули таҷриба

# 8. Ташкили шӯроҳои матбуот дар демократияҳои ҷавон

***Дар сари роҳи таъсис додани шӯроҳои матбуот дар ҷомеаҳои ҷавони декмократӣ кадом монеаҳои асосӣ меистанд?***

Мушкилоти асосӣ инҳоанд:

- мавҷуд набудани анъана ва таҷрибаи худтанзимкунӣ;
- ихтилофи андешаҳои сиёсӣ, ки аҳли ҷомеаи журналистонро аз ҳам ҷудо мекунанд: дар натиҷа, мавҷуд набудани гуфтугӯ ва ҳамрайъии байни гурӯҳҳои гуногун ба журналистон имкон намедиҳанд, ки манфиатҳои умумиашонро якҷоя ҳимоя кунанд;
- андозаи хурди бозори ВАО ва ба таври кофӣ рушд накардани иқтисодиёт: танҳо чанд рӯзнома ва воситаҳои ахбори оммаи электронӣ боқӣ монда, дигарон маҷбур мешаванд барои дастгирии молиявӣ пайдо кардан ба қувваҳои сиёсӣ пайванданд;
- бо талаби ба ҳукумат наздик шудан ва журналистикаи интиқодӣ нашудан ба воситаҳои ахбори омма, махсусан ба ВАО-и давлатӣ фишори доимии сиёсӣ овардан;
- ҳамкории наздик ва вобастагии байниҳамдигарии элитаҳои сиёсӣ ва доираҳои корчаллоние, ки дар соҳаи ВАО манфиатҳои калон дошта, журналистонро аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ мутеъи худ нигоҳ медоранд.

***Оё шӯроҳои матбуотро дар кишварҳое таъсис додан мумкин аст, ки нерӯҳои сиёсӣ хилофи худтанзимкунӣ мебошанд?***

Масъалаи мазкур барои кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта масъалаи умумӣ мебошад. Шӯроҳои матбуотро бо иштироки фаъолонаи ҷомеаи байналмилалӣ ҳам таъсис додан мумкин аст. Барои таъмин намудани муваффақияти мақомоти

нави худтанзимкунӣ ин масъала бояд ба рӯзномаи муносибатҳои байналмилалии кишвар ворид карда шавад.

***Агар аксарияти воситаҳои ахбори омма таҳти назорати давлат қарор дошта бошанд, он гоҳ шӯроҳои матбуот чӣ гуна метавонанд фаъолият кунанд?***

Дар кишварҳое, ки дорои анъанаҳои деринаи демократии шакли моликият ба воситаҳои ахбори омма мебошанд, ба худтанзимкунии ВАО ягон таъсири чашмрас дошта наметавонад. Вале таъсис додани шӯрои матбуоти мустақил ва самаранок дар кишварҳои дорои низоми худкомаи роҳбарӣ, ки дар онҳо аксарияти воситаҳои ахбори омма ба давлат тааллуқ доранд, бениҳоят мушкил аст. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар баъзе кишварҳои Африка, ки озодии баёни андешаҳо мисли пешин боиси ташвиши аҳли ҷомеаи байналмилалӣ мебошад, шӯроҳои матбуот таъсис дода шудаанд.

Дар тамоми олам дар ҳайати сохторҳои идораи давлатӣ вазорати иттилоот ва алоқа мавҷуд аст, ки онҳо дар соҳаи ахлоқ ва худтанзимкунии ВАО нақши муҳим, дар баъзе ҳолатҳо нақши ихтилофнок доранд. Дар чунин кишварҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани эътимоди онҳо ба бартарияти худтанзимкунии ВАО бо ҳукумат ҳамкорӣ ба роҳ мондан зарур мебошад.

***Рӯзномаҳо аз фишори рекламадиҳандагон, ки аз иродаи некашон зинда мондани онҳо вобаста мебошад, чӣ тавр халос шуда метавонанд?***

Ба воситаи ба роҳ мондани сохтори ташкилие, ки дар он вазифаҳои шӯъбаҳои иттилоотӣ ва реклама ба таври қатъӣ аз ҳамдигар ҷудо карда шудаанд аз фишори рекламадиҳанда раҳо шудан мумкин аст. Ба хотири роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо регламент бояд

қоидаеро дарбар гирад, ки журналистонро ҳангоми омода намудани мақолаҳо аз таъсири андешаҳои тиҷоратӣ, аз он ҷумла манфиатҳои рекламадиҳандагон фориғ гардонад. Воситаҳои ахбори омма вобаста ба нагирифтани ҳадяҳо ё хароҷоти омодасозии маводашон аз ҷониби ширкатҳо, аз он ҷумла хароҷоти нақлиёт, бояд қоидаи қатъӣ ҷорӣ намоянд.

Ба воситаи ҳавасманд гардондани рақобат дар ВАО, шаффофияти ҳуқуқҳои соҳибмулк, мониторинги мустақили эътимоди ҷомеа ба воситаҳои ахбори омма ва интишор додани ҳисоботи солонаи молиявӣ фишори рекламадиҳандагонро бартараф кардан мумкин аст. Мубоҳисаҳои байни намояндагони рекламадиҳандаю оҷонсиҳои реклама ва иттиҳодияҳои журналистон/муҳарриронро ҳавасманд сохтан зарур аст.

### *Ихтилофоти сиёсиро дар ҷомеаи касбии ВАО ҳангоми созмон додани мақомоти ягонаи худтанзимкунӣ чӣ тавр аз байн бурдан мумкин аст?*

Шӯроҳои матбуот на мақомоти сиёсӣ, балки мақомоти касбӣ мебошанд, аз ин рӯ сифатҳои касбии намояндагони ВАО бояд дар мавқеи аввал гузошта шаванд. Бояд қоидаҳои боэътимоде муқаррар карда шаванд, ки ба хотири таъмини холисии сиёсӣ имкон надиҳанд, ки бархурди манфиатҳо ба амал ояд. Чунин тартиб қоидаҳоеро дарбар гирифта метавонад, ки мутобиқи онҳо аъзои мақомоти идораи ҳизбҳо ба ҳайати раёсати шӯрои матбуот ворид нагарданд, инчунин ба хотири роҳ надодан ба бархурди манфиатҳо аз аъзои шӯро ба имзо расондани эъломия талаб карда шавад.

***Агар ба мақомоти мазкур шикоятҳо ба таври кофӣ ворид нашаванд чӣ кор кардан лозим аст?***

Пеш аз ҳама, шӯрои матбуот бояд сабабҳои чунин ҳолатро таҳқиқ намояд. Маъмулан, ин ҳолат бо сабаби он ба вуҷуд меояд, ки дар борaи шӯрои матбуот иттилооти кофӣ мавҷуд нест ва он дар байни омма маъруф нашудааст. Эҳтимол, тартибу қоидаҳои пешниҳод намудани шикоятҳо мураккаб бошанд ё одамон ба аъзои шӯро эътимод надоранд. Вобаста ба сабабҳои муайянкардашуда чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

Миқдори шикоятҳои воридшуда дар ҳар кишвар ҳар хел аст. Ҳисоби миёнаи шикоятҳо дар Шоҳигарии Муттаҳида 3500 адад аст, ки танҳо аз рӯйи ҳамагӣ 300 шикоят қарор қабул карда мешавад; дар Олмон ба ҳисоби миёна 400 адад шикоят ворид мешавад; дар Нидерланд ҳамагӣ 80 адад шикоят ворид мегардад.

Chapter 5

# ОМБУДСМЕН

## Худтанзимкунии ВАО дар чаҳорчӯбаи воситаҳои ахбори омма

*Вероник Морус*

Дар муқоиса бо шӯрои матбуот, аксарияти омбудсменҳо фақат барои воситаи ахбори оммаи мушаххас фаъолият мекунанд. Онҳо робитаи байни ходимони воситаи ахбори омма ва истифодабарандагони онро (хонандагон, тамошобинон ё шунавандагон) таъмин сохта, тафсирҳо ва шикоятҳояшонро қабул карда, кӯшиш менамоянд, ки ихтилофи дар байни ду тараф баамаломадаро танзим созанд.

Дар фасли ҷорӣ вазифаҳои омбудсмен таҳлил ва дар бораи роҳҳои созмон додани ниҳоди мазкур тавсияҳо пешниҳод карда, мушкилоти фаъолияти он нишон дода мешавад.

# 1. Рушди ниҳоди омбудсмен

***Дар чаҳорчӯбаи як воситаи ахбори омма худтанзимкунӣ чӣ тавр огоз шудааст?***

Дар ибтидо шакли нисбатан маъмул созмон додани шӯъбаи шикоятҳо буд. Соли 1913 яке аз кормандони «Ню-Йорк Уорлд» ба шикоятҳои хонандагон диққат дода, онҳоро ба коллегияи идораи рӯзнома пешниҳод намуд. Ҳамин моделро соли 1920 рӯзномаи «Детройт Нюз»-и Мичиган қабул кард, дар рӯзномаи «Асахи симбун»-и Токио бошад шикоятҳоро кумитаи махсус таҳқиқ карда, сипас ба сармуҳаррир месупорид.

«Омбудсмен» мафҳуми шведӣ буда, маънои «намоянда»-ро дорад ва ба бисёр забонҳои олам ҳамчун унвони миёнарав қабул шудааст, ки ба кори баррасӣ намудани шикоятҳои шаҳрвандон машғул мешавад. Вобаста ба матбуот онро бори аввал «Курер Ҷорнал»-и Луисвилли иёлати Кентукки истифода бурдааст. Рӯзномаи мазкур соли 1967 ба мудири шӯъбаи иттилооти маҳаллӣ супориш додааст, ки ба масъалаи робитаҳои байни хонандагон ва журналистон машғул шавад. Қадами оянда соли 1970 аз ҷониби рӯзномаи «Вашингтон пост» гузошта шуд. Рӯзнома ба муовини мудири идораи рӯзнома супориш дод, ки шикоятҳои хонандагонро шунида, ҳисоботи дохилӣ омода созад ва сутуни худашро нашр кунад. Ӯ имконият дошт, ки дар сутуни мазкури рӯзнома андешаҳояшро озодона баён кунад. Тадриҷан низоми мазкур мукаммал гашта, ҳарчи бештар хосияти робитаи бевоситаи фаъол пайдо мекард, зеро тафсирҳо, эродҳои танқидӣ, мушоҳидаҳо ва хабарҳо дар бораи хатоҳои содиршуда минбаъд ба худи хонандагон расонда мешуданд.

Ҳамин таҷрибаро минбаъд дар кишварҳои дигар ҳам истифода мебурданд. Вале имрӯз ҳатто дар Иёлати Муттаҳида омбудсменҳо

ҳамагӣ дар ду фоизи рӯзномаҳои ҳаррӯза фаъолият мекунанд, дар кишварҳои дигар бошад аз ин ҳам камтар аст.

**Созмон додани вазифаи омбудсмен дар рӯзномаи «Ле Монд»**

«Ле Монд» ҳамеша кӯшиш мекард, ки бо хонандагонаш робитаҳои қавӣ дошта бошад. Дар солҳои 1960 директор бо кӯмаки муовинаш ба мактубҳо ҷавоб мегуфт ва ба воситаи ба табъ расондани иқтибос аз онҳо ҳамаи камбудиҳои ошкоршударо фош мекард.

Соли 1994 дар натиҷаи бӯҳрони шадиди эътимод ва аз даст рафтани доираи васеъи хонандагон вазифаи омбудсменро таъсис дода, ба зиммаи ӯ идора кардани шӯъбаи мактубҳо ва барқарор намудани гуфтугӯи байни хонандагон ва рӯзнома гузошта шуд. Ҳамин кор, бо вуҷуди он, ки муносибатҳои байни роҳбарият ва омбудсмен баъди чанд сол пуршиддат гашта бошад ҳам, вале ба манфиати рӯзнома анҷом ёфт.

Омбудсмен тобеи сармуҳаррир нест, балки танҳо тобеъи мудири идораи рӯзнома мебошад, ки дар бораи таъин намудани ӯ ба вазифа қарор қабул мекунад. Омбудсмен ҳуқуқи татбиқи ҷазо надорад, аммо дар сутуни ҳаррӯзааш дар саҳифаи рӯзнома дар мавриди мавзӯи баҳс андешаашро мегӯяд. Сутуни мазкурро бе розигии омбудсмен касе ҳуқуқи таҳрир, ихтисор кардан, ё тағйир додан надорад.

Оинномаи дохилӣ ё маҷмӯи қоидаҳои ноширӣ соли 2002 ба табъ расонда шуд. Ба ин китоби 212-саҳифагӣ, ки соли 2004 аз нав таҳрир гашт, ҳамаи қоидаҳои амалӣ (имло, кӯтоҳкунӣ, номҳои одамон ва ғайра) ва кодекси рафтори коркунони рӯзнома ворид карда шудааст. Омбудсмен риоя гаштани ана ҳамин оинномаро

таъмин месозад, рӯзмаррагӣ ва рушди онро мудом назорат мекунад, то ки дар бораи хатоҳои муайянкардашуда мавод ба табъ расад.

***Оё омбудсменҳо танҳо дар матбуоти чопӣ фаъолият мекунанд?***

Не. Масалан дар Фаронса радио ва телевизионҳои давлатӣ дар ин соҳа навоварӣ кардаанд. Дар «Франс 2», «Франс 3» ва «Радио Франс Интернасионал» баъди рӯзномаи «Ле Монд», ҳанӯз пештар аз бисёр рӯзномаҳои дигар, амсоли рӯзномаҳои «Депеш дю миди» (2001), «Миди либр» (2004), «Сюд-уэст» (2006) ва «Экспресс» (2006) вазифаи омбудсмен ҳанӯз соли 1998 таъсис дода шуда буд.

***Барои дар бораи омбудсмен маълумоти муфассал пайдо кардан ба кадом сарчашма муроҷиат кардан мумкин аст?***

Ташкилоти омбудсменҳои воситаҳои ахбори омма (ONO) – созмони байналмилалиест, ки дар ҳайати он 60 нафар одамон фаъолият мекунанд. Аксарияти онҳо (35 нашрияи бақайдгирифташуда) дар ИМА фаъолият менамоянд, минбаъд дар Шоҳигарии Муттаҳида ва Нидерланд (се нафарӣ), инчунин Шветсия ва Туркия (ду нафарӣ). Фаронсаро дар созмони мазкур ҳамагӣ як рӯзномаи «Ле Монд» ва ду стансияи телевизиони давлатии «Франс 2» ва «Франс 3» намояндагӣ мекунанд. Ба қатори кишварҳое, ки бо як нашрияи чопӣ намояндаи созмони ONO мебошанд - Бразилия, Канада, Дания, Исроил, Испания, Португалия ва Ҷопон шомиланд.

Бо омбудсменҳо ба воситаи журналистон ё воситаи ахбори оммае, ки дорои омбудсмен мебошанд, робита пайдо кардан мумкин аст. Рӯйихати онҳоро аз ONO (www.newsombudsmen.org) дастрас кардан мумкин аст.

# 2. Фаъолияти омбудсмен

### *Омбудсмен кадом вазифаҳоро иҷро менамояд?*

Омбудсмен ба робитаи байни хонандагон, шунавандагон, тамошобинон ва журналистон мусоидат менамояд. Идея аз он иборат аст, ки ба истифодабарандагон бо роҳи ҳавасманд гардондани худтанқидкунӣ, баланд бардоштани эътимоди одамон ба воситаи ахбор, махсусан агар воситаи ахбор дорои эътибори хуб набошад, имконияти муоширати кардан дода шавад.

### *Нақши асосии омбудсмен дар чӣ ифода мегардад?*

Омбудсмен эҳтиром кардани қоидаҳо ва анъанаҳои муқаррарнамудаи воситаҳои ахбори омма ва як навъ назорати дохилии сифатро таъмин менамояд. Мавҷуд будани шартнома бо аудитория масъалаҳои зеринро дар назар дорад:

- пешниҳод намудани иттилооти то ҳадди имкон аниқ, пурра ва фаҳмо;
- аниқ муайян кардани марзҳои иттилоот ва тафсир;
- ислоҳ намудани хатоҳои содиршуда;
- инъикос намудани гуногунандешӣ ва рангорангии назарҳо;
- ба нақзи ҳуқуқи шахс ва эҳтиром накардани дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ роҳ надодан.

### *Оё нақши омбудсмен дар ҳамаи воситаҳои ахбори омма яксон аст?*

Нақши омбудсмен дар воситаҳои гуногуни ахбори омма аз ҳам фарқ мекунад. Баъзе омбудсменҳо бо журналистон муошират мекунанд, баъзеи дагар худро ба канор гирифта, ба ҷараёни кори ҳамарӯзаи

табъу нашри нашрияҳо кордор намешаванд. Баъзеҳо ба таври оддӣ танҳо мактубҳои ба дасташон расидаро хулоса мекунанд; дигарон маълумотномаҳо ё тафсири хидматӣ тартиб медиҳанд; баъзеи дигарҳо худашон мавод дар бораи хатоҳои содиршударо ба табъ мерасонанд ё дар сомонаи Интернетӣ дар низоми вақти воқеӣ ба саволҳои хонандагон ҷавоб менависанд. Дигарон, бо вуҷуди ба салоҳияташон дахл надоштан ба саволҳои амалӣ ва ҳуқуқии хонандагон ҷавоб медиҳанд. Ниҳоят, баъзеҳо ба ҳайси намояндаи расмии роҳбарияти нашрия ё намояндаи он оид ба робита бо аҳли ҷомеа фаъолият мекунанд.

### *Фаъолияти ҳаррӯзаи омбудсмен аз чӣ иборат аст?*

Омбудсмен эродҳои танқидӣ ва пешниҳодҳои истифодабарандагони ВАО, баёнотҳои коллегияи рӯзнома, роҳбарият ва маъмуриятро ҷамъ оварда, кӯшиш мекунад, ки тарафҳоро бо ҳам оштӣ диҳад. Ба ғайр аз иҷро кардани вазифаҳои миёнаравӣ, омбудсмен инчунин фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро омӯхта, калавишҳо аз қоидаҳои муайяннамудаи шартнома бо аудиторияи хонандагонро нишон медиҳад. Дар воситаи ахбори чопӣ бошад, ҳамаи ҷиҳатҳои камбудиҳо дар сутуни доимии омбудсмен ба табъ расонда мешавад.

### *Оё омбудсмен бо хонандагон, шунавандагон ва тамошобинон бевосита муошират мекунад?*

Бале, бешубҳа муошират мекунад. Хонандагон барои омбудсмен сарчашмаи асосии иттилоот ва амалиёташ мебошанд. Муошират аксар вақт ба воситаи мукотиба амалӣ карда мешавад. Муошират махсусан дар замони мо, ки почтаи электронӣ пайдо шудааст, кори мушкил нест, илова бар ин омбудсмен низоми муташаккили ба роҳ мондани мукотибаро дар ихтиёр дорад. Муҳимаш, масалан, бойгонии

хуб ва дар бобати муайян кардани лоббистон, тариқатҳо, ҳуққабозон ё графоманҳо (чунин одамон ҳастанд!) таҷриба доштан аст.

Дар рӯзномаи «Ле Монд» почта мутобиқи сабабҳои асосии ташвиши хонандагон ба чор навъ тақсим карда мешавад:

- тафсирҳои умумӣ дар бораи хабарҳои иттилоотӣ;
- ишора ба хато (дар байни хонандагон коршиносоне ҳастанд, ки ягон чизро аз мадди назарашон дур наандохта, хато меҷӯянд ва аз ҳамин корашон лаззат мебаранд);
- шарҳи тарзи пешниҳод шудани хабарҳо;
- хабар додани фактҳое, ки муаллифи мактуб худаш шоҳид ё иштирокчии бевоситаи он будааст.

Инчунин дар Интернет саҳифа кушодан зарур аст, вале дар ин ҳолат мониторинги доимӣ, яъне ходимони иловагӣ зарур мешаванд.

### *Оё мукотиба масъалаҳои воситаи ахбори оммаи мушаххасро нишон медиҳад?*

Мукотиба имконият медиҳад, ки тамоюлҳои умумӣ, аз ҳама муҳимаш, калавишҳо зуд муайян карда шаванд. Аксарияти муаллифон норозигӣ баён кунанд ҳам, вале норозигии онҳо танҳо ба масъалаҳои мухталиф тааллуқ доранд. Агар вобаста ба як масъала ё таассурот ногаҳон ғарами калони мактубҳо ворид шавад, ба воситаи ахбори омма барои ба фаъолияташ ворид кардани тасҳеҳот донистани масъалаи мазкур муҳим аст. Ҳамин тавр, вазифаи омбусмен барои истифодабарандагони воситаҳои ахбори омма маконест, ки онҳоро дар он ҷо мешунаванд.

# 3. Чораҳое, ки омбудсмен раво мебинад

### *Омбудсмен бо кадом роҳ қарор қабул мекунад?*

Вақте ки эроди танқидӣ ворид мешавад (ба воситаи мактуб, почтаи электронӣ, ба воситаи телефон ва ғайра) омбудсмен дар ибтидо то кадом андоза асоснок будани онро муайян месозад, бисёр воқеъ мешавад, ки истифодабарандагони воситаҳои ахбори омма майли воҳима андохтан доранд ё худашон хато мекунанд. Омбудсменҳо дорои кодекси ахлоқии худашон мебошанд, аммо аслан онҳо шикоятҳоро мутобиқи кодекси муқарраргаштаи дохилии рӯзнома ҳаллу фасл мекунанд. Агар кодекс мавҷуд набошад, омбудсменҳо метавонанд пешниҳод кунанд, ки чунин кодексҳо ҷорӣ гарданд. Кодексҳои омбудсменҳо инчунин бо кодексҳои одоби касбии журналист муқоиса карда мешаванд.

### *Кадом чораҳои ҷазодиҳӣ андешидан мумкин аст?*

Ба табъ расондани иқтибосҳо аз мактубҳо, хабарҳо дар бораи хатоҳои муайянкардашуда, пеш аз ҳама, сутуни омбудсмен, ки дар он ба хонандагон дар бораи камбудиҳои содиршуда ва хатоҳо хабар мерасонанд, чораҳои воқеан пуртаъсир мебошанд. Инчунин чораҳои ҷазои маънавӣ андешида мешавад, ки дорои дараҷаҳои гуногуни ҷиддият мебошанд. Омбудсмен метавонад:

- мактубҳоро ба муаллифи мақола дода, пешниҳод намояд, ки ба онҳо посух нависад (ҷазои соддатарин);
- талаб кунад, ки илова ба посух навиштан, рӯзнома дар бораи хатои содиршуда раддия ба табъ расонад (чораи миёнаҳолона);
- дар сутуни номаҳои хонандагон аз хабарҳои интиқодӣ иқтибосҳо ба табъ расонад (чораи қатъӣ);

- хаторо дар сутуни омбудсмен баррасӣ кунанд (чораи фавқулодда): ин чораро барои ҳолатҳои бениҳоят ҷиддӣ нигоҳ доштан зарур аст, зеро журналистон онро айбдорсозии рӯйирост ва ба унвони худашон шармандагӣ мепиндоранд.

### *Омбудсменҳо чораи нисбатан мувофиқро чӣ тавр муайян мекунанд?*

Барои таъмин намудани самаранокии фаъолияташон ва пайваста бо ходимон робитаашонро нигоҳ доштан, омбудсменҳо нисбат ба журналистон набояд дар ҳамаи ҳолатҳо чораҳои ҷазодиҳӣ пешбинӣ кунанд, онҳо инчунин бояд аз амалҳое худдорӣ намоянд, ки журналистонро ба таври ҷиддӣ хастаҳол месозанд ё ба эътиборашон зарар мерасонанд. Омбудсменҳо бояд бомулоҳиза бошанд ва кӯшиш кунанд, ки ба ноадолатӣ ва чораҳои аз ҳад қатъӣ роҳ надиҳанд. Аксар вақт номбар кардани одамон зарур намешавад, зеро ҳамкорон бе он ҳам дар бораи кӣ сухан рафтанро медонанд.

Муҳимаш, ба таври конструктивӣ муайян кардани сабабҳои роҳ додан ба хатоҳо мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо имконияти муайян намудани сабабҳои асосии хосияти нисбатан умумидошта мавҷуд аст. Масалан, лаҳзаҳое мешаванд, ки ягон шумораи нашрия бо сабабҳои мушкилоти истеҳсолӣ ё масъалаҳои вобаста ба кормандон ба таври ғайриқаноатбахш омода мегардад, аз ин рӯ баъзе мақолаҳо ба таври дилхоҳ таҳрир намешаванд ё умуман таҳрир намешаванд. Дар чунин лаҳзаҳо омбудсмен ба соҳаи фаъолияти дигар роҳбарон дахолат накарда, метавонад ба таври баодобона пешниҳод кунад, ки ҳолати баамаломада ислоҳ карда шавад. Омбудсменҳо суд ва пулис нестанд. Онҳо виҷдони коллектив мебошанд.

# 4. Ҷорӣ намудани вазифаи омбудсмен

***Дар бораи таъсис додани вазифаи омбудсмен кӣ қарор қабул мекунад?***

Дар ҳолати воситаҳои ахбори оммаи мустақил – роҳбарият, дар ҳолати воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ - шӯрои раёсат қарор қабул мекунанд.

***Чӣ ба воситаҳои ахбори омма барои ҷорӣ намудани вазифаи омбудсмен мусоидат менамояд?***

Вазифаи омбудсмен дар аксари мавридҳо дар натиҷаи ба амал омадани ҳолати бӯҳрони муносибатҳо бо доираи хонандагон ҷорӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат ба воситаи ахбори омма ба таври фаврӣ барқарор намудани робита бо хонандагонаш зарур мегардад. Ба рӯзномаи «Ню-Йорк Таймс» айнан ҳамин ҳолат рӯй дод ва моҳи октябри соли 2003 баъди он, ки яке аз журналистонашро ба дуздии асарҳои журналистӣ ва сафсаттанависӣ айбдор намуданд, вазифаи омбудсменро ҷорӣ кард.

***Бо чӣ гуна далелҳо соҳибмулкони ВАО-ро ба бартарӣ доштани ниҳоди омбудсмен  бовар кунондан мумкин аст?***

Омбудсмен илова бар он, ки ин вазифа «муд» аст (ҳамаи рӯзномаҳои азимтарини олам дорои омбудсмен мебошанд), ин вазифа инчунин қадами аввал ба истиқболи хонандагон мебошад, ки он ба муошират кардан бо хонанда мусоидат менамояд. Дар натиҷа сифати иттилоот, услуб ва таҳрир беҳтар мегардад. Ин вазифа боиси пешгирӣ намудани мунокишаҳои калон мегардад: омбудсменҳое, ки бо роҳбарияти рӯзнома муносибатҳои рафиқона доранд, метавонанд

вазифаи парчамро иҷро кунанд. Ниҳоят, агар омбудсмен худаш хуб нависад, сутуни ӯ дар байни хонандагон соҳиби обрӯю эътибор мегардад. Хонандагони ВАО дар бораи роҳҳои ҷамъ овардани иттилоот ва воқеаҳои дар «долонҳои» рӯзномаҳо баамалоянда мудом мароқ зоҳир мекунанд.

### *Бо мақсади таъсис додани вазифаи омбудсмен кадом корҳоро анҷом додан зарур аст?*

Давраи аввали кор барои дастрас кардани хабарҳо (ба воситаи почта, почтаи электронӣ ё бо телефон) созмон додани шӯъбаи мактубҳо, ба мавзӯъҳо ҷудо кардани мактубҳо, омода сохтани ҷавобҳо, интиқол додани тафсирҳо барои одамоне, ки тафсирҳо ба онҳо нигаронда шудаанд, дар ҳолати ба миён омадани зарурат ба табъ расондани иқтибосҳо аз мактубҳо мебошад. Дар Интернет ҳам хадамоти махсуси масъули мактубҳо созмон додан мумкин аст. Сипас оинномаро дар байни ҳамаи тарафҳои муҳити воситаҳои ахбори омма ба сифати шарти асосие, ки шартнома бо хонандагонро дар назар дорад, маслиҳат намудан лозим аст. Дар оинномаи рӯзномаи «Ле Монд», масалан, қайд гаштааст, ки иттилоъ бояд то ҳадди имкон аниқ, пурра ва фаҳмо бошад; марзи байни иттилоъ ва тафсир бояд аниқ муайян бошад; хатоҳо бояд ислоҳ карда шаванд; рӯзнома бояд гуногунандешӣ ва рангорангии назарҳоро ифода намояд; ҳуқуқи шахс ва дахлнопазии ҳаёти шахс эҳтиром карда шавад.

Баъд аз ин ҳама омбудсменро интихоб карда, хонандагонро дар бораи фаъолияти ӯ огоҳ сохтан лозим аст.

# 5. Интихоби омбудсмен

***Оё журналист будани омбудсмен шарти ҳатмист?***

Бале, ҳатмист. Фақат шахси соҳибкасб ба таври зарурӣ метавонад дараҷаи хатоҳои содиршуда ва мушкилоти ба кор алоқамандро дуруст баҳогузорӣ кунад. Истифодабарандагони воситаҳои ахбори омма аксар вақт сахтгир мебошанд ва фаҳмида наметавонанд, ки журналистон дар чӣ гуна шароит фаъолият доранд ва бо кадом мушкилот, масалан, маҳдудии вақт, мушкилоти ташкил кардани вохӯриҳо бо сарчашмаҳо ва кори аз ҳад зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Ба доираи вазифаҳои омбудсмен ба хонандагон тавзеҳ додани ҳамаи мушкилоти мазкур, ҷараёни таҳия гаштани рӯзнома ҳам ворид мегардад, зеро хонандагон чунин хабарҳоро меписанданд.

Дар баробари ин журналистон ҳатто тасаввур карда наметавонанд, ки хатоҳои онҳо (ҳангомаҳояшон, сарлавҳаҳои муғризона, хатоҳои имлоӣ ва грамматикӣ ва ғайра) то кадом андоза хонандагонро оташин сохта, эътибори рӯзномаро дар назди онҳо паст мекунанд. Журналистон танқидро намеписанданд. Танқид агар аз ҷониби ҳамкорон бошад онро беҳтар қабул мекунанд, вале танқиди одамони бегона ба онҳо сахт мерасад.

***Интихоби омбудсмен тибқи кадом меъёрҳо ба амал бароварда мешавад?***

Таҷрибаи амалӣ ва дониши хуби кори идораи рӯзнома доштан, дорои эътибори соҳибкасби босалоҳият ва беғараз будан меъёрҳое мебошанд, ки мутобиқи онҳо омбудсменро интихоб мекунанд. Барои омбудсмен рӯҳияи мустақилият доштан бояд хос бошад, рӯҳияро андоза кардан мумкин нест, вале онро ба воситаи назар андохтан

ба тарҷумаи ҳол ва собиқаи фаъолияти номзад дарк кардан мумкин аст. Омбудсмен бояд инчунин дорои қобилияти муайяни дипломатӣ бошад, зеро қобилияти мазкур дар фаъолияти ояндаи ӯ ҳатман зарур мешавад. Ӯ бояд зарар нарасонад ва серталаб бошад.

Омбудсмен бояд бо ягон гурӯҳи журналистӣ (журналистон ҳамеша гурӯҳбоз мешаванд), иттифоқи касаба, ҳизби сиёсӣ ё роҳбарият зич алокаманд набошад ва аз ҷониби равияҳои гуногуни дохили идоравии ВАО эътироф гардад.

### *Омбудсменро кӣ интихоб менамояд?*

Омбудсменро маъмулан роҳбарияти рӯзнома интихоб менамояд; агар роҳбарият ҳангоми интихоби омбудсмен бо ҳайати кормандон маслиҳат кунад ба мақсад мувофиқ аст. Номзадро ба анҷумани журналистӣ, агар чунин анҷуман вуҷуд дошта бошад, пешниҳод месозанд. Барои баъзе рӯзномаҳо омбудсмен ба мӯҳлати муайян интихоб карда мешавад. Ҳамин ҷиҳат маъруфияти ӯро таъмин месозад, вале ҳамзамон шубҳаи роҳбарият ба шахси ишғолкардаи вазифаи омбудсменро нишон медиҳад.

### *Чӣ бояд кард, ки ходимони рӯзнома омбудсменро эътироф кунанд?*

Ҳайати ходимони рӯзнома ва роҳбарият бояд дорои кодекси умумии одоб бошанд, дар айни ҳол дар рӯзнома бояд нисбат ба мақсадҳои рӯзнома ва шартномаи дарназардоштаи он бо хонандагон консенсуси дохилӣ мавҷуд бошад. Дар дохили ташкилот иттилоот бояд ба таври дилхоҳ паҳн гашта, имконияти танқиди дохилӣ ва баёни озодонаи андеша мавҷуд бошад.

### *Журналистон ба танқиди аз ҷониби омбудсмен садодода то кадом андоза ҳассос мебошанд?*

Журналистон ба танқид аз ҳад зиёд ҳассос мебошанд. Ба фаъолияташон дахолат кардани шахси бегона ва танқидро хуб намеписанданд. Ана ҷавоби маъмулии журналистон ба танқиди омбудсмен: «Омбудсмен барои чӣ дахолат мекунад? Ин кори ӯ нест». Ба хотири он, ки журналистон ба омбудсмен ҳамчун ба ҳамкори хиёнаткоре муносибат накунанд, ки ӯ дар назди роҳбарият вазифаи «пулис» ё (ҷосус)-ро иҷро мекарда бошад, ӯ бояд комилан мавқеи беғаразона дошта бошад.

### *Андозаи миёнаи маоши омбудсмен чӣ қадар аст?*

Андозаи миёнаи маоши ӯ баробари андозаи маоши мудири шӯъба ё муҳаррир, дар баъзе мавридҳо андаке аз онҳо баландтар мебошад. Маъмулан маоши ӯ калон аст, зеро омбудсмен журналисти маъруф буда, аз ҷониби ҳамкорон эътироф гаштааст ва аллакай дар вазифаҳои масъул собиқаи корӣ дорад.

### *Маоши омбудсменро кӣ медиҳад?*

Худи воситаи ахбори омма маоши омбудсменро медиҳад, эҳтимол, ҳангоми ҳисоб кардани маоши ӯ хароҷотҳо барои андозҳоро ҳам ба эътибор мегиранд.

# 6. Мушкилоте, ки бо вазифаи омбудсмен алоқаманд мебошанд

***Мустақилияти омбудсмен бо кадом роҳ таъмин карда мешавад?***

Омбудсмен ба мӯҳлати на камтар аз ду сол таъин шуда, барои баёни андешааш дар саҳифаи рӯзнома бояд дорои сутуни махсусе бошад, ки аз болои он назорат накунанд ва бо хонандагон робитаи бевоситаи қавӣ дошта бошад.

Воситаи мустақили баёнсозии андешаи омбудсмен - сутуни саҳифаи рӯзнома, дорои аҳамияти ҳалкунанда мебошад. Дар рӯзномаи «Ле Монд» маводи омбудсмен ягона маводе аст, ки онро касе таҳрир намекунад. Сутуни махсус ба омбудсмен имконият медиҳад, ки ӯ ба воситаи он ба хонандагон, журналистон, дар ҳолати зарурӣ ҳатто ба роҳбарият муроҷиат кунад. Ин масъалаи бениҳоят нозук аст, интихоби мавзӯи он бошад кори аз ҳама мушкилтар аст.

Маъруфият пуштибони асосии омбудсменҳо мебошад. Дар рӯзномаи «Ле Монд» сармуҳаррир боре кӯшиш намуд, ки омбудсменро иваз кунад, аммо бо сабаби эътирози кормандони рӯзнома ӯ ин мақсадашро амалӣ карда натавонист. Ба роҳбарият барҳам додани вазифаи омбудсмен ё иваз кардани шахсе, ки вазифаи омбудсменро иҷро мекунад, кори мушкил аст, зеро иваз кардани ӯ ба обрӯю эътибори рӯзнома таъсири манфӣ мерасонад.

Якчанд рӯзномаҳои амрикоӣ бо мақсади сарфа кардани маблағ чанде пеш вазифаи омбудсменро ихтисор карданд. Мушкилот дар он аст, ки ба ҷойи ӯ шахсеро таъин мекунанд, ки ба ёвари роҳбарият табдил меёбад. Хонандагон ва ҳайати кормандони рӯзномаро бо ин восита фирефтан мумкин нест: чунин тарзи ивазкунии мансабдор самаранок

набуда, ниҳоят боиси ба вуҷуд омадани танаффури одамон мегардад.

***Оё хонандагон ба мустақилият ва нуфузи омбудсмен ба журналистон бовар мекунанд?***

Одамони зиёд шубҳа мекунанд. Онҳо фаҳмида наметавонанд, ки мавҷуд будани омбудсмен ва танқиди ӯ дар сутуни махсусаш - механизми пурзӯри худтанзимкунӣ мебошад. Онҳо фаромӯш мекунанд, ки сутуни мазкурро дар дохили идораи рӯзнома ҳам мутолиа мекунанд. Хонандагон мехоҳанд, ки омбудсмен ҳар ҳафта нуқтаи назари онҳоро баён карда, албатта журналистонро танқид кунад. Аз ин рӯ бо хонандагон, бо мақсади асоснок кардан ва тавзеҳ додани нақши омбудсмен, робитаи мустақим барпо кардан зарур аст.

Дар баробари ин, вақте ки хонандагон ба саволҳояшон посух мегиранд, қонеъ мешаванд ва агар дар сутуни омбудсмен аз мактубҳояшон иқтибос оранд, ба онҳо писанд аст. «Гургҳо» ба «гӯсфанд» бадал мешаванд. Аҷиб аст, вақте мушоҳида мекунӣ, ки чӣ гуна посухи оддӣ ба як пурсиш боиси бо хонанда барқарор гаштани робита мегардад.

***Омбудсмен барои ҳаракат (маневр) кардан дорои кадом имкониятҳо мебошад?***

Доираи имкониятҳои ӯ хеле маҳдуд аст. Дар байни масъалаҳои қонунии хонандагон (ва сифати рӯзнома) ва нигоҳ доштани робитаҳо бо журналистон (исботи самаранокии он) ҳамеша муросо кардан зарур мешавад.

Муваффақият на аз муросо накардани омбудсмен бо журналистон ва роҳбарият, балки ба  мавҷуд будани эътимод ба ӯ алоқаманд аст. Омбудсмен бояд бо ягон тараф аз ҳад зиёд наздик набошад, вале ӯ инчунин набояд душмани рӯйирости ягон тараф шавад.

Агар муносибатҳояш аз ҳад зиёд дӯстона бошанд, он гоҳ ба ӯ ҳамчун ба намояндаи шӯъбаи робитаҳо бо аҳли ҷомеа муносибат мекунанд ва ӯ ба як нафар соҳибмансаби камсамар табдил меёбад: хонандагон бошанд аз ӯ дилхунук шуда, маводҳои навиштаашро мутолиа намекунанд. Агар муносибатҳояш бо журналистон аз ҳад зиёд душманона бошанд, он гоҳ ӯ гуфтугӯи судманд барқарор карда наметавонад: хонандагон розӣ шаванд ҳам, вале журналистон ба суханаш гӯш намедиҳанд. Дар ҳамин ҳолат пайдо кардани фосилаи ба мақсад мувофиқ - мушкилоти аз ҳама калон мебошад, ки омбудсмен хоҳу нохоҳ бо он рӯ ба рӯ мегардад.

**L'hebdo du mediateur: мисол аз соҳаи мавҷ**

Жан-Клод Алланик (Омбудсмени иттилоотии шабакаи телевизионии «Франс 2», солҳои 2000-2005)

Барномаи L'hebdo du mediateur («Ҳафтаи миёнарав») бори нахуст дар шабакаи «Франс-2» баъд аз таъин намудани омбудсмени иттилоотӣ пахш шуд. Дар ин барномаи 20-дақиқагӣ, ки рӯзҳои шанбе баъди навигариҳои вақти зӯҳр пахш мешавад, аз журналистон хоҳиш мекунанд, ки ба эродҳои танқидӣ, тафсирҳо ва саволҳои тамошобинон посух гӯянд.

Барномаи мазкур дар асоси номаҳои дар тӯли ҳафтаҳои гузашта аз номи тамошобинон воридшуда таҳия гашта, барандаи он омбудсмен мебошад. Барнома инчунин ба масъалаҳои тарзи пешниҳод шудани иттилоот дар барномаҳои иттилоотӣ ва мавзӯӣ бахшида мешавад. Дар барнома иттилоот ва маълумот дар бораи хатоҳои муайянкардашуда пешниҳод шуда, дар ҳолати ба миён омадани зарурат шароити омода шудани гузоришҳо шарҳ дода, хабарҳои нодуруст фаҳмидашуда ва тафсирҳои нодуруст

тавзеҳшуда аниқ карда мешаванд, хатоҳои роҳдодаро эътироф карда, аз тамошобин узр мепурсанд, ки он кори аз ҳама мушкил аст.

Маъмулан ду ё се нафар тамошобинон ба студия даъват мешаванд ё ба воситаи телефон бо онҳо гуфтугӯ мекунанд. Дар барнома мактубҳо ва маълумотҳое, ки ба воситаи почтаи электронӣ ворид шудаанд, хонда мешаванд. Журналистон ба саволҳо посух дода, саволҳоро бо меҳмонон баррасӣ менамоянд, баъзан баҳси тезу тунд барпо мешавад. Баъзан ба воситаи телефон бо мутахассисе робита барпо карда, аз ӯ хоҳиш менамоянд, ки доир ба масъалаи мубоҳиса андешаи коршиносиашро гӯяд (масалан, дар соҳаҳои иқтисодиёт, илм, дин).

Омбудсмен дар баҳси баамаломада мақоми бетарафиро ишғол мекунад. Аммо ӯ дар анҷоми барнома натиҷаҳои мубоҳисаро ҷамъбаст карда, меъёрҳои асосии журналистикаро бори дигар хотиррасон месозад, ё пешниҳод мекунад, ки дар барномаҳои оянда дар асоси кодекси касбии одоб ва оинномаи France Televisions – гурӯҳи телевизионҳои давлатӣ, ки «Франс-2» тобеъи он мебошад, баҳсро идома диҳанд.

Баъзе мавзӯъҳои барнома, ба монанди намоиш додани зӯроварӣ дар оинаи нилгун, саҳеҳии фактҳо (ё вуҷуд надоштани аниқӣ), тахайюлоти журналист, авлавиятҳои иттилоотӣ, ҳифзи дахлнопазирии ҳаёти шахс ва эҳтироми шахс, риоя нагаштани гуногунандешӣ ва бетарафии сиёсӣ дар барномаҳои навбатӣ такроран муҳокима мешаванд. Мавзӯъҳои дигар, амсоли моҷарои Шарқи Наздик, интихобот, мавзӯъҳои калони иқтисодӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, садамаҳо, баҳсҳои илмӣ, воқеаҳои варзишӣ ва фарҳангӣ ба навигариҳои охирин дар соҳа вобаста мебошанд. Бо ибораи

дигар, барнома ба масъалаҳои асосии рӯз аз нуқтаи назари мушаххас ва вижа, яъне муносибати танқидии омма ба фаъолияти журналистон рӯй меоварад.

Муваффақият пайдо кардани барномаи L'hebdo du mediateur ва дар байни тамошобинон соҳиби обрӯю эътибор шудани он пеш аз ҳама ба вазъи комилан мустақили омбудсмен, новобастагии ӯ аз роҳбарият, самти фаъолияти телевизион ва мансабҳои дар он вуҷуддошта алоқаманд аст. Масъалаи барои иштирок дар барнома киро даъват карданро худи омбудсмен ба таври мустақилона ҳаллу фасл менамояд. Барномаи мазкур дар шабакаи телевизионӣ барномаи ягонаест, ки то замони дар мавҷ пахш шудан ҷараёни омода шудани онро касе назорат намекунад. Принсипи механизми омбудсмен ва ишғоли вазифаи мазкур ҳар гуна кӯшиши фишор овардан ё дахолат кардан ба фаъолияти ӯро истисно месозад.

Омбудсмен, дар навбати худ, бояд гуфтугӯи холисона ва мутавозинеро таъмин созад, ки он ба тамошобинон ва журналистон барои ба таври озодонаю манфиатбахш баён кардани андешаашон имконият фароҳам созад. Ду масъалаи мушкиле мавҷуд аст, ки омбудсмен бояд аз онҳо худро канор гирад. Барнома набояд имконият диҳад, ки онро ҳамчун як усули сафед кардани журналистон ва аз тариқи барнома ҳар ҳафта дар бораи риоя накардани стандартҳо ва хатоҳояшон узрпурсӣ кардани журналистон фаҳманд. Аз ҷониби дигар, барнома набояд ончунон қатъӣ бошад, ки журналистон онро ҳамчун минбари сангпарронии тамошобин ба сарашон, ё эътироф шудани сифатҳои номақбули фаъолияташон қабул кунанд. Омбудсмен бояд ба эътимоди омма ва ҳамкоронаш сазовор гардад.

# ЗАМИМАҲО

## Намунаҳои шикоятҳое, ки мақомоти худтанзимкунӣ баррасӣ намудаанд

Баррасӣ намудани шикоятҳо вазифаи асосии мақомоти худтанзимкунӣ мебошад, ки ноил гаштан ба риояи кодекси ахлоқиро мақсади асосии худ қарор додааст. Мақомоти худтанзимкунӣ, бо вуҷуди он ки фақат дорои ваколати қабул кардани чораҳои маънавӣ аст, аммо мурофиаҳои тӯлонӣ ва пурқиммати судиро пешгирӣ мекунад. Ҳуқуқ ба ҷавоб додан ё раддия навиштан ба хатои содиршуда аксар вақт боиси он мегардад, ки шикояти воридшуда қонеъ гардонда шавад. Аксари мақомоти худтанзимкунӣ пеш аз он, ки қарор қабул кунанд, аввал кӯшиш менамоянд, ки ду тарафро оштӣ диҳанд.

Дар замимаҳои зерин намунаҳои шикоятҳо ва қарорҳои мақомоти худтанзимкунӣ пешниҳод гаштааст. Ба ҳар як воқеа мутобиқи кодекси ахлоқии ҳамон кишваре баҳо дода шудааст, ки баҳс дар он кишвар баррасӣ гаштааст: дар кишварҳои дигар натиҷаҳои баррасӣ, табиист, ки метавонад намуди дигар гиранд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи мисолҳои дар поён овардашуда роҳҳои чӣ гуна самаранок будани шӯрои матбуотро ҳамчун алтернативаи судҳо ва қабул шудани қарорҳо бидуни дахолати судиро намоиш медиҳанд.

Аксари шикоятҳои баррасинамудаи шӯрои матбуот ба масъалаҳои дахолат кардан ба ҳаёти шахс ё маълумоти бардурӯғ бахшида шудаанд.

# Парвандаи 1: Шикоят дар бораи дахлнопазирии ҳаёти шахс

Падари зане, ки, ҳангоми фоҷиаи мадду ҷазр дар қитъаи Осиё бе ному нишон ғайб зада буд, ба шӯрои матбуоти Олмон дар бораи дар таблоиди олмонӣ нашр шудани ному акси духтараш шикоят навишт. Акси мазкур акси яке аз садҳо ҷабрдидагоне буд, ки аз сомонаи Интернет барои пайдо кардани одамони беному нишон ғайбзада кӯмак пурсида буданд. Падар шикоят дошт, ки рӯзнома ба нақзи ҳуқуқи шахсии оилаи ӯ барои дахлнопазии ҳаёти шахсӣ роҳ додааст.

***Натиҷа:***
Шикоят қонеъ гардонда шуд. Кумитаи оид ба шикоятҳои Шӯрои матбуот нишон дод, ки дар ҳолати мазкур ягон манфиати давлатии марбути намоиш додани аксҳо аз ҳуқуқҳои одамони аз офат ҷабрдида авлотар буда наметавонад. Ҷабрдидагон аз офате, амсоли мадду ҷазр, ба таври автоматӣ ба қаҳрамонони оммавӣ табдил намеёбанд.

Дар сомонаи Интернетӣ пайдо шудани акси одамони ҷустуҷӯшаванда ҳаргиз ба касе ҳуқуқ намедиҳад, ки бе иҷозати оила аксҳои онҳоро дар саҳифаи рӯзнома ба табъ расонанд.

# Парвандаи 2: Шикоят дар бораи нақзи дахлнопазирии ҳаёти шахс

Шӯрои матбуоти Босния ва Ҳерсеговина мақолаи ба мавзӯи садамаи нақлиётии дар роҳ бахшидашударо баррасӣ намуд. Иақоларо онро рӯзномаи «Дневи аваз» ба табъ расондааст. Шикояткунанда хилофи мақола даъво надорад, вале даъво дорад, ки акси ҷабрдидагон дахолат ба ҳаёти шахс мебошад ва онҳо бояд ба табъ расонда намешуданд.

***Натиҷа:***
Шикоят қонеъ гардонда шуд. Шӯрои матбуот нишон дод, ки аз ҷониби он пештар ҳам аллакай якчанд воқеи монанд баррасӣ гашта, муҳаррирон огоҳ карда шуда буданд, ки хонандагон метавонанд хилофи ба табъ расондани чунин аксҳо эътироз кунанд. Дар мавриди мазкур «Дневни аваз» ба нақзи моддаи 9 Кодекси матбуот роҳ додааст. Дар моддаи мазкур талаб карда мешавад, ки «Бо маводе, ки ба фоҷеаи шахс дахл дорад, эҳтиёткорона ва бо ҷабрдидагон бо ҳисси ҳамдардӣ ва боэҳтиёт муносибат кардан зарур аст».

Шӯрои матбуот бори дигар тасдиқ намуд, ки ба табъ расондани аксҳо аз маҳалли садама ва номи одамони ноболиғи дар натиҷаи зӯроварӣ ҷабрдида, ё номусашон зӯран таҷовузшуда ба стандартҳои гузориши касбии журналистӣ мувофиқат намекунад.

# Парвандаи 3: Шикоят дар бораи маълумотҳои носаҳеҳ

Директори иҷроияи мағозаи китобҳои исломӣ ба Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуоти Шоҳигарии Муттаҳида шикоят навишта, арз намуд, ки мақолаи рӯзномаи лондонии «Ивнинг Стэндард» таҳти сарлавҳаи «Террор ва бадбинӣ ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз Бейкар Стрит фурӯхта мешаванд» носаҳеҳ буда, хонандагонро гумроҳ сохта, ба нақзи он банди қоидаҳо роҳ додааст, ки ба масъалаи саҳеҳии иттилооти Кодекси меъёрҳои редаксияи рӯзнома ва қоидаҳои комиссия бахшида шудааст.

Мақола ба мавзӯи адабиёти экстремистие бахшида шудааст, ки гӯё баъди таркиши бомбаҳо дар Лондон дар мағозаҳои китоб фурӯхта мешуданд. Акси мағозаи шахси аз болои мақола шикоятнавишта дар акси ба табъ расондаи рӯзнома дар шафати аксҳои он нашрияҳое ба чашм мерасад, ки тибқи мақолаи рӯзнома терроризмро тарғиб намуда, тавре дар рӯзнома навишта шудааст, адабиёти мазкур дар «маҳалҳои амсоли Дор –ул-Тақво» фурӯхта мешаванд. Дар шикоят омадааст, ки китобҳо ва DVD-ҳое,ки дар аксҳои ба табъ расондаи рӯзнома мавҷуд аст,  дар амбори мағоза ҳаргиз мавҷуд набуд. Мақола хонандаро гумроҳ сохта, мағозаро дар байни омма ҳамчун тарғибкунандаи терроризм тасвир мекунад.

Дар мақолаи рӯзнома иқтибосҳо аз китобчае, ки дар мағоза фурӯхта шуда, дар бораи «ҷиҳод» нақл мекунад, ба таври интихобӣ ҷудо карда шуда буданд. Дар шикоят нишон дода шуда буд, ки китобча, тавре дар мақола гуфта мешавад, ҳаргиз одамонро ба терроризм ё бадбинӣ таҳрик намекунад. Дар натиҷаи ба табъ расидани мақола ҳайати кормандони мағоза мубталои таҳқиру таҳдиди одамон гашта, маҷбур шудаанд аз пулис мадад пурсанд.

***Натиҷа:***

Шикоят қонеъ гардонда шуд. Кумитаи оид ба шикоятҳо аз болои матубот нишон дод, ки банди 1 Кодекси меъёрҳо ва қоидаҳо аз рӯзномаҳо талаб мекунад, ки «аз нашр кардани маводи носаҳеҳи гумроҳсозанда ва иттилооти таҳрифшуда худдорӣ намоянд». Дар ҳолати мазкур, бо назардошти ҷиддӣ будани даъвои айбдорсозӣ ва ҳассосияти замоне, ки мавод ба табъ расида буд – мақола баъди чанд рӯзи содир шудани акти террористӣ ба табъ расонда шуда буд - зарурати таъмин намудани саҳеҳияти маводи иттилоотии рӯзнома ба миён омада буд. Бо вуҷуди бебаҳс будани факти дар мағоза фурӯхта шудани китобча, мӯҳтавои он даъвои аз ҳад зиёд қатъии сарлавҳаи мақоларо тасдиқ намекард. Ҳамин тавр, рӯзнома ба саҳеҳияти мавод аҳамият надодааст.

Кумитаи шикоятҳо аз болои матбуот қайд намуд, ки дар ҳолати баъди ҳодисаи террористӣ айбдоркунии авомфиреб метавонист ба шикояткунанда оқибатҳои бад дошта бошад, махсусан агар ба назар гирифта шавад, ки дар бораи мағоза маълумоти возеҳ дода шудааст.

# Парвандаи 4: Шикоят дар бораи носаҳеҳии иттилоот дар сомонаи Интернет

Шӯрои оид ба журналистикаи Фландрия/Белгия шикояте дастрас намуд, ки он ба мақолаи дар қисмати бойгонии сомонаи Интернетии рӯзнома ҷойдошта робита дошт.

Соли 2005 рӯзнома мақолаеро ба табъ расондааст, ки дар он шикояткунанда ба гуноҳи таҷовуз ба номуси шахс айбдор карда шудааст. Даъвои мазкури рӯзнома бардурӯғ будааст ва рӯзнома дар бораи содир шудани хато дар шумораи навбатиаш раддия ба табъ расондааст. Аммо соли 2007 мақола бори дуюм дар сомонаи интернетии рӯзнома дастраси хонандагон шудааст. Дар сомонаи интернетӣ ҳамаи шумораҳои кӯҳнаи рӯзномаро мутолиа кардан ва ба воситаи системаҳои ҷӯстуҷӯ, амсоли Google, маводро пурра ба даст гирифтан мумкин аст. Дар натиҷаи хатои рӯзнома, тавре даъвогар навиштааст, ӯро аз кори дӯстдоштааш маҳрум кардаанд.

***Натиҷа:***

Агар аз рӯи парвандаҳо мусолиҳа ба даст наояд, омбудсмен онҳоро барои баррасӣ кардан ба Шӯро пешниҳод мекунад. Дар ҳолати мазкур масъалаи дар байни рӯзнома ва шикояткунанда баамаломадаро танзим кардан имкон дошт.

Рӯзнома дар бораи роҳ додан ба хатои ҷиддие, ки дар мақолааш ҷой дошт, огоҳ карда шуда буд, вале нусхаи асли матнро тағйир дода натавонист, ки маънои ин ҳолат таҳриф кардани фактҳои таърихӣ мебошад. Рӯзнома инчунин дарк кардааст, ки мақола метавонад боиси ба шикояткунанда расидани зарари ҷиддӣ гардад ва барои ҳалли масъала омодагиашро намоиш дод. Шикояткунанда мефаҳмид,

ки нусхаи асли мақоларо тағйир додан ғайриимкон аст, вале рӯйирост саҳеҳ кардани хатои дар мақола ҷойдоштаро талаб мекард. Дар ниҳояти кор ба хулоса омаданд, ки дар сомонаи интернетии рӯзнома дар поёни нусхаи асли мақола роҷеъ ба хатои содиршуда маълумоти аниқ дода шавад, то ин ки хонандагони он бо чашми худ бинанд, ки хатои мақола ислоҳ шудааст. Шикояткунанда бо чунин қарор розӣ шуд.

# Парвандаи 5: Шикоят дар бораи мавҷуд набудани ҳифзи одамони осебпазир

Шӯрои матбуоти Босния ва Ҳерсеговина шикоятеро дастрас кард, ки он ба мақолаи рӯзномаи «Дневни лист» ба табъ расондаи «Толибаи мактаби миёна дар дӯзахи фоҳишагӣ» бахшида шудааст. Дар мақолаи рӯзнома номи духтари беному нишон ғайбзадаи ноболиғе навишта буд, ки тавре аз мақолаи рӯзнома бармеояд, ба фоҳишагӣ ҷалб гаштааст.

***Натиҷа:***

Шикоят қонеъ гардонда шуд. Шӯрои матбуот қарор қабул намуд, ки тибқи он рӯзнома ба нақзи моддаи 11 Кодекси матбуот роҳ додааст, ки ҳимояи кӯдакон ва ноболиғонро пешбинӣ мекунад. Ҳатто бо вуҷуди он, ки модари духтар ба воситаи ахбори омма дар бораи духтари ғайбзадааш маълумот дода бошад ҳам, вале рӯзнома ҳуқуқ надошт, ки шахсияти ӯро фош кунад. Ин масъала махсусан дар робита ба маълумоте бениҳоят ҷиддӣ мебошад, ки ба тахминҳои модари духтар асос ёфта, вале аз ҷониби пулис, прокуратура ва суд тасдиқ нашудаанд.

Шӯрои матбуот тавсия дод, ки қарори мазкур дар шумораи навбатии рӯзнома интишор карда шавад.

# Парвандаи 6: Шикоят дар бораи мавҷуд набудани ҳифзи одамони осебпазир

Пулиси округи Темз-Велли ба Комиссияи оид шикоятҳо аз болои матбуоти Шоҳигарии Муттаҳида аз номи ҷабрдидаи мустаор бо сабаби дар рӯзномаи «The London Metro» таҳти сарлавҳаи «Таҷовузгаре мӯйи сари зани бемори саратонро тарошид» нашр шудани мақола шикоят пешниҳод кард. Дар мақола дар бораи таҷовуз ба номуси зани ҷавоне хабар дода шуда, дар он маҳалли ба вуҷуд омадани воқеа – номи шаҳре, ки ҷинояти мазкур дар он ба амал омадааст ва тасвири пурраи воқеаи ҷиноят навишта шудааст. Дар мақола инчунин дар бораи ҷабрдида – синну сол, масъалаҳо ва ҷузъиёти масъалаҳои сиҳатӣ ва манзили оилавии ҷабрдида нишон дода шудааст.

Ба андешаи пулиси даъвогар, ҷузъиёти аз ҳад зиёд мушаххаси мақола барои дар байни ҷомеа шинохта шудани зани ҷабрдида мусоидат кардааст, аз ин рӯ ба нақзи банди 12 Кодекси меъёрҳо ва қоидаҳо, ки ба масъалаи ҷиноятҳои маҳрамона бахшида шудааст, роҳ додааст.

Рӯзнома қайд кард, ки номи мушаххаси маҳалли истиқомате, ки дар он ҷиноят содир шудааст, номбар нашудааст ва аз мақола маълум кардан мушкил аст, ки ҷабрдида маҳз дар ҳамин ноҳия, ё ҳатто дар ҳамин шаҳр истиқомат дорад.

***Натиҷа:***

Шикоят қонеъ гардонда шуд. Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот нишон дод, ки Кодекси меъёрҳо ва қоидаҳо бо якчанд сабаб, аз ҷумла, осебпазирии ҷабрдидагон аз чунин ҷиноятҳои мудҳиш, ба зиммаи муҳаррирон бори вазнини масъулиятшиносӣ мегузорад.

Кодекс на танҳо мушаххассозии шахсро, инчунин ба табъ расондани маълумотеро манъ кардааст, ки боиси мушаххас сохтани шахс мегарданд. Дар ҳамин фасли кодекс ҳимояи манфиати ҷамъиятӣ пешбинӣ нашудааст, зеро аз ҷониби ҳамаи муҳаррирон риоя гаштани шартҳои қатъии он талаб карда мешавад.

Дар мақолаи мазкур ном ё суроғаи ҷабрдида аниқ нишон дода нашуда бошад ҳам, вале дар мақола маводи кофие мавҷуд аст, ки барои ба таври эҳтимолӣ муқаррар кардани шахсияти ҷабрдида мусоидат менамоянд ва ҳамин тариқ нақзи  кодекс содир шудааст.

Комиссия нишон  дод, ки ҳангоми таҳия намудани хабарҳо дар бораи ҷиноятҳои дорои хосияти маҳрамона дошта заҳмати зиёд кашидан лозим аст. Аз рӯйи ҳар як ҷузъиёте, ки аз доираи маълумоти умумӣ мебароянд, бигузор ҳатто ҷузъиёти аз ҳад зиёд ночиз бошад ҳам, вале он барои аз ҷониби нафаре шинохта шудани ҷабрдида, ки то имрӯз дар бораи ҷиноят огоҳ набуд, мусоидат мекунад. Кодекс роҳ надодан ба ин кор ва таъмини маҳрамияти ҷабрдидаро мақсади худ қарор додааст. Комиссия қайд намуд, ки бо сабаби баланд будани сатҳи касбии омодасозии гузоришҳо нақзи банди мазкури кодекс хеле кам воқеъ мешавад.

# Парвандаи 7: Шикоят дар бораи нақзи ҳуқуқҳои шахс

Шикояти мазкур ба Шӯрои матбуоти Швейтсария ба муносибати дар рӯзномаи «Le Temps» ба табъ расидани сурати ҳаҷвии Шаппат ворид гардид. Дар сурати ҳаҷвӣ папаи шодравони Рим Иоанн Павели II дар зери таслиб тасвир шуда, дар атрофи ӯ мардуми эътиқодманд, баъзеҳо бо камераҳои аккосӣ, дар андеша рост истодаанд. Исои чормехшуда аз онҳо мепурсад: «Мавҷудияти ман ба шумо халал намерасонад?».

Аризадиҳанда гуфтааст, ки сурат эътиқоди динии аҳли нассоро ва одамони фарҳангиро таҳқир карда, дар рӯзнома ба табъ расидани он нақзи банди Кодекс дар бораи ҳуқуқҳои шахс мебошад. Агар ҳамин воқеа нисбат ба яҳудиён ё мусулмонон рӯй медод, суд аз болои он мутобиқи айби нажодпарастӣ парванда оғоз мекард.

***Натиҷа:***

Шикоят қонеъ гардонда нашуд. Шӯрои матбуоти Швейтсария нишон дод, ки ҳаҷв ва карикатурае, ки ба мавзӯъҳои динӣ бахшида шудаанд, маъмулан роҳ дода мешаванд. Озодии мазкур бо он сабаб маҳдуд карда намешавад, ки баъзе динҳо тасвир намудани баъзе ашё ё одамонро манъ кардаанд ва ҳассосияти махсуси баъзе доираҳои ортодоксалӣ бояд ба эътибор гирифта нашавад. Озодии мазкур бояд ба таври мутавозин, дар рӯҳияи демократия истифода шавад.

Дар мисоли мазкур ҳудудҳои озодии ташреҳ аз ҳад зиёд вайрон нашудааст, махсусан дар вазъияте, ки бо сабаби марги Папа аҳли ҷомеа ва воситаҳои ахбори омма ба ин масъала диққати зиёд медоданд. Андешаҳое, ки дар асоси онҳо карикатураи мазкур таълиф

шудааст ва асоси факти он мебошанд, аз ҷониби аҳли ҷомеа васеъ эътироф шудаанд.

# ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

# Муаллифон:

### *Явуз Байдар (Yavuz Baydar)*

Явуз Байдар мафҳуми «омбудсменро» ба муносибатҳои матбуот ва хонандагони турк ворид намудааст. Ҳафт сол ба ҳайси омбудсмен фаъолият карда, дар рӯзномаи «Сабоҳ» (Sabah) мақолаҳояшро ба табъ мерасонд. Соли 1999 бори аввал ӯро ба вазифаи омбудсмени рӯзномаи «Миллиет», (Milliet) таъин намуданд. Байдар инчунин узви фаъоли Созмони омбудсменҳои ВАО (Organization of News Ombudsmen) буда, дар он ба ҳайси узв, ноиби президент, дар солҳои 2003-2004 президенти аввалини созмон аз давлате, ки дар ҳудуди Америкаи Шимолӣ ҷойгир нест, фаъолият кардааст. То замони омбудсмен таъин гаштанаш ӯ дар вазифаи хабарнигор, мухбири хориҷӣ ва муҳаррири як қатор ВАО ифои вазифа намудааст.

### *Уилям Гор (William Gore)*

Баъд аз хатми Донишгоҳи Оксфорд соли 2000 (дар донишгоҳ ӯ таърихи муосирро омӯхтааст) Уилям Гор фаъолияташро дар Комиссияи оид ба шикоятҳо аз болои матбуот (Press Complaints Commission) дар вазифаи ходим оид ба баррасӣ намудани шикоятҳо оғоз кардааст. Баъди як соли фаъолият ӯ масъули фаъолияти байналмилали Комиссия таъин гашт. Ҳангоми созмон додани шӯрои матуботи Босния ва Ҳерсеговина ба ҳайси мушовир саҳми босазо гузоштааст. Моҳи марти соли 2004 ӯ муовини директори Комиссия оид ба шикоятҳо аз болои матбуот таъин гашт. Алҳол дар соҳаи робитаҳои байналмилалӣ фаъолияташро идома дода, дар фаъолияти ҳамарӯзаи баррасии шикоятҳо иштирок мекунад, инчунин масъули фаъолияти Комиссия мебошад.

***Миклош Харасти (Miklos Haraszti)***

Нависандаи маҷорӣ, ҳомии ҳуқуқ ва профессор. 10 марти соли 2004 Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО таъин гашт. Ҷаноби Харасти фалсафа ва адабиётро дар Донишгоҳи шаҳри Будапешт омӯхтааст. Соли 1976 ҳаммуассиси ҳаракати мухолифини демократии Маҷористон шуда, соли 1980 муҳаррири нашрияи даврии «Бэсело» (Beszslo) шуд, ки онро худаш нашр менамуд. Соли 1989 дар гуфтушунидҳои паси мизи мудаввар оид ба гузаштан ба интихоботи озод ширкат дошт. Солҳои 1990-1994 узви парламенти Маҷористон буда, андаке баъдтар дар донишгоҳҳои гуногун дар мавзӯи декриминализатсия ва сиёсатшиносии ВАО лексияҳо хондааст. Муаллифи чандин китобҳо, аз он ҷумла «Коргар дар давлати коргарон» (A Worker in a Worker’s State) ва «Маҳбаси махмалин» (The Velvet Prison) мебошад. Китобҳои ӯ бо чанд забони дунё тарҷума шудааст.

***Вероник Морус (Veronique Maurus)***

Аз соли 2006 вазифаи омбудсмени рӯзномаи фаронсавии «Ле Монд»-ро (Le Monde) иҷро мекунад. Забони англисӣ ва иқтисод омӯхта, дар 22-солагиаш ба шӯъбаи муҳаририи рӯзномаи «Ле Монд» ба кор қабул карда шуд. Фаъолияти минбаъдаи эҷодии ӯ бо ҳамин рӯзнома алоқаманд аст. Дар шӯъбаи иқтисодии рӯзнома ҳам фаъолият кардааст. Соли 1995 соҳиби мақоми журналисти ҷиддӣ гашта, муовини директори шӯъбаи хабаргузорон таъин гардид. Муаллифи ду китоб - «Voyage au pays des mythes» ва «La vie secrete du Louvre» мебошад.

***Огниан Златев (Ognian Zlatev)***

Вазифаи директори иҷроияи Маркази рушди ВАО Булғорияро ба дӯш дорад. Ташкилоти мазкур соли 1998 бо мақсади рушди ВАО мустақил

дар Булғория, устувор гардондани иқтидори ВАО ва дастгирии ҳамкории байналмилалӣ дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ  таъсис дода шудааст. Узви Шӯрои миллии оид ба ахлоқи журналистони Булғория (National Council for Journalism Ethics of Bulgaria), узв-муассиси Шабакаи оид ба касбикунонии ВАО дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ (South East European Network for Professionalization of the Media), узви шӯрои Ташкилоти ВАО Аврупои Ҷанубу Шарқӣ (South East European Media Organization) мебошад, ки он тобеи Пажӯҳишгоҳи байналмилалии матбуот дар Вена мебошад.

# МУҲАРРИРОН:

### *Аделин Улен (Adelin Hulin)*

Аз соли 2006 инҷониб дар вазифаи ходими хурди лоиҳаҳои Дафтари Намояндагии САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО адои хизмат мекунад. То замони таъин гаштанаш ба вазифаи мазкур ӯ дар Маркази фаронсавии оид ба ҳамкориҳои байни ВАО ва ҷомеаи илмӣ (French Liaison Centre between the Media and Education) ба ҳайси мушовир, инчунин дар барномаҳои омӯзишии соҳаи ВАО дар ЮНЕСКО фаъолият кардааст. Магистри илмҳои гуманитарӣ оид ба журналистикаи Донишгоҳи Париж Дафин (University Paris Dauphine) ва бакалаври илмҳои гуманитарӣ оид ба сиёсатшиносии Пажӯҳишгоҳи илмҳои сиёсатшиносии Бордо (Institut d'Etudes Politiques) мебошад.

### *Ҷон Смит (Jon Smith)*

Муаллими калони журналисткаи коллеҷи Дарлингтон (Darlington College), мутахассиси соҳаи қонунгузорӣ дар соҳаи ВАО ва ахлоқ аст. Ба ҳайси журналисти як қатор рӯзномаҳои британӣ, аз он ҷумла рӯзномаи «Таймс» (The Times) фаъолият кардааст. Ҳамчун журналист имтиҳонгирандаи Шӯрои Милли Британия оид ба омӯзондани журналистон (UK's National Council for the Training of Journalists) буда, муаллифи китоби тавсияшуда оид ба мадхали журналистика - «Асосҳои журналистика» («Essential Reporting») аст.

# Notes

www.osce.org/fom

НАМОЯНДА ОИД БА МАСОИЛИ ОЗОДИИ ВАО

Созмони Амнияту
Ҳамкорӣ дар Аврупо

ISBN 3-9501995-7-2